МУИН ҒАФУРОВ: ҒАЛАБААМРО БА ПРЕЗИДЕНТ МЕБАХШАМ! с.15

БОЗ АҲДШИКАНИИ ҚИРҒИЗҲО. ИЗҲОРОТИ КДАМ ДАР СУҒД с.2

ДӮЛОБКОРӢ ДАР ТАЪМИРУ БОЗСОЗИИ ПОЙТАХТ с. 6

ТОҶИКИСТОН

сол бо шумо

№42 (1501)
19.10.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

1992-2022

РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ВА ФУТБОЛИ ТОҶИК

Аз рукуд то ислоҳот дар 10 соли роҳбарии ӯ



НИГАРОНИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН
Аз паноҳгоҳ ба террористон то хатар аз Афғонистон с.3


ТЕРРОРИСТ НАБУД
Тоҷики кушташуда дар Белгород кист? с.4

ЗЕҲНИ СУНЪӢ
Аз қабули стратегия то интизориҳо с.5

ИСТАРАВШАН
Чаро об дар хонаву мо ташналабон мегардем? с.6

МУҲОҶИР
Патенти корро дар Русия аз Тоҷикистон мегиранд? с.5

АЗ ЗУКОМ ТО САРАТОН
Роҳҳои камхарҷи табобат аз доктор Саидҷон Нодирӣ с.13



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

БОЗ АҲДШИКАНӢ. ИЗҲОРОТИ РАЁСАТИ КДАМ ДАР СУҒД

Раёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд хабар медиҳад, ки сарфи назар аз имзои Протоколи №42 аз 25-уми сентябри соли 2022 ва созишномаҳои батавофуқрасидаи дигар, ҷониби Қирғизистон иқдомоти барқасдонаи худро бо ҳадафи ташдиди авзоъ дар марз идома медиҳад.

Дар изҳороти Раёсати КДАМ дар Суғд омадааст, ки «амалҳои иғвоангезонаи бархе аз шаҳрвандони Қирғизистон, аз ҷумла омода намудани мавқеъҳои тирпарронӣ, сохтани хандақҳо ва сангарҳо, идомаи интиқоли техникаи иловагии ҳарбӣ ба хати марз ва нақзи мунтазами ҳаримии ҳавоии Тоҷикистон, ки ба ноором кардани вазъ равона шудааст, далели равшани нақшаҳои муғризонаи ҷониби Қирғизистон мебошад».

Гуфта мешавад, ки аз 26-уми сентябр то 15-уми октябр ҳавопаймоҳои бесарнишини Қирғизистон дар фазои шаҳри Исфара ва ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд 13 маротиба ҳаримии ҳавоии Тоҷикистонро убур кардаанд.

«Сарфи назар аз созишномаҳои шифоҳӣ ва хаттӣ бо ҷониби Қирғизистон, бар хилофи муқаррароти Протоколи №42 аз 25-уми сентябри соли 2022, далелҳои интиқоли техникаи ҳарбӣ, аслиҳаи вазнин ва воҳидҳои иловагии низомӣ ба манотиқи марзӣ, ҳолатҳои латукӯби шаҳрвандони Тоҷикистон, сангпартоӣ ба хонаву автомашинаҳои онҳо, инчунин ташкили постгоҳҳои назоратии ғайриқонунӣ ба қайд гирифта шудаанд»,- гуфта мешавад дар изҳороти Раёсати КДАМ дар Суғд.

ВАКОЛАТИ ПРОКУРОРҲО ЗИЁД ГАРДИД

Ваколати прокуророни Тоҷикистон барои эътироз овардан ба ҳукм, фармон, ҳалнома, таъинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, васеъ карда шуд.

Ба гуфтаи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ, дар асоси тағйирот ба қонун "Дар бораи прокуратураи Тоҷикистон", ки ахиран қабул шуд, прокурорҳои кишвар аз салоҳиятҳои нав бархӯрдор шуданд.

Аз ҷумла, ба муовини якум ва муовинони Прокурори генералии Тоҷикистон салоҳияти эътироз овардан нисбати ҳукм, фармон, ҳалнома, таъинот ва қарори ҳамаи судҳо, ба истиснои қарорҳои Пленум ва раёсатҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҷумҳурӣ дода шудааст.

Ҳамчунин, прокурори Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо нисбати ҳукм, фармон, ҳалнома, таъинот ва қарори судҳои вилояту шаҳру навоҳӣ метавонанд эътироз оранд. Дар бахш истисно танҳо қарорҳои раёсатҳои Суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мебошанд.

Ташаббускори тағйироти мазкур аъзои Маҷлиси миллӣ Раҷаббой Аҳмадзода, Фарҳод Раҳимӣ, Дилшод Раҳмон ва ду вакили Маҷлиси намояндагон мебошанд.



ТОҶИКИСТОН ДАР МАҚОМИ АВВАЛ

Тоҷикистон дар Бозиҳои Делфии ИДМ, ки дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, соҳиби мақоми аввал ва медали тило гардид.

Ғалабаро ба кишвари мо ҳунармандони ансамбли "Зебо" оварданд. Онҳо аз рӯи номинатсияи "Рақси мардумӣ" ҳунарнамоӣ карданд.

Мақоми аввалро аз категорияи синну соли калон гурӯҳи рақси мардумии русии "Ералаш" гирифт. Ҷоиза барои бартарӣ ба "Академияи суруд"-и Қазоқистон дода шуд.

Ёдовар мешавем, ки бори нахуст дар Тоҷикистон Бозиҳои VI Делфии ҷавонони кишварҳои узви ИДМ баргузор шуд. Дар он ҳунармандон, рассомон ва санъаткорон аз ҷумла аз Русия, Белорус ва Қазоқистон ширкат доштанд.

Тоҷикистон бори аввал мизбони Бозиҳои Делфии ИДМ гардид, ки дар он беш аз 400 соҳибистеъдодҳои ҷавони аз 10 то 25-сола ширкат карданд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

САРИ САБЗ



Давлатманд ХОЛОВ, Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон

- Мардум дар гузашта аз тангдастиву мушкилӣ фарёд мекашиданд. Ҳоло замони он фаро расидааст, ки фалак оҳанги руҳафзо ҳам дошта бошад. Имрӯз мо на танҳо аз дарду ғаму фироқ сароем, балки фалаки шодиёнаро низ бояд хонем.

- Фалаки шодиёнааш ҳамон рэп мешавад-дия! Бо ин тавсияатон коре мекунед, ки фалаксароён ҳам ба рэп рӯй меоранд.



Додарҷон ҶОБИРЗОДА, раиси ноҳияи Нуробод

- Дар ноҳия 4 корхонаи саноативу истеҳсолӣ, аз ҷумла коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ, хишти пухта, сангу шағал ва хишти сементӣ аз ҳисоби ашёи хоми маҳаллӣ вобаста ба мавсим фаъолият менамоянд.

- Наход дар як ноҳия ҳадди ақал шир ёфт нашавад, ки корхонааш ба таври мавсимӣ фаъолият барад? Ё говҳои шумо мавсимӣ гӯсола меоранд?



Маҳмудҷон МУҚИМОВ, дӯстдори варзиш ва ҳунарҳои миллӣ

- Барои хонаам як мавҷгири параболӣ харида, барои насб устаро даъват намуда, ба ӯ 50 доллар додам. Аммо ҳеҷ намехост, ки ман чӣ тавр васл кардани ӯро бинам. Усто корашро анҷом дод ва зуд рафт.

- Ҳамин хел, зуд меравад. Чӣ, мехостед, ки усто бо ҳамон 50 доллар нозукии насби мавҷгирро ҳам ба шумо омӯзонад?

НИГАРОНИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Аз паноҳгоҳ ба террористон то хатар аз Афғонистон

Рӯзҳои 18-19-уми октябр дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» баргузор шуд. Мавзӯи суҳбати аксар иштирокдорон таҳдидҳо аз Афғонистон баъди ба қудрат расидани гуруҳи тундрави Толибон буд.





Кӣ ба террористон паноҳгоҳ медиҳад?

Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон зимни суханронии хеш дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон хост, ки ба шахсони муттаҳам ба терроризм паноҳгоҳ надиҳанд.

“Мушоҳида мекунем, ки терористону ифротгароён аз институти “гуреза” хуб истифода карда, аз боварии кишварҳои бештар мутараққӣ сӯйистифода менамоянд”,- зикр кард сарвари кишвар. Вале президент мушаххас аз ягон кишвар ном набурд.

Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки масъалаҳои ҳуқуқи башар ва ифротгароиву терроризм бояд ҷудо аз якдигар баррасӣ шаванд.

Хатари №1

Хатарҳо аз Афғонистон мавзуи меҳварии суҳбати президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиши зикршуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки “дар шароити кунунӣ интиқоли ҷангҷӯёни террорист аз навоҳии ҷангзадаи Ховари Миёна ба минтақаҳои дигар ва дар ин замина тақвият ёфтани мавқеи созмонҳои террористии байналмилалӣ дар Афғонистон барои давлатҳои Осиёи Марказӣ хавфи ҷиддиро ба миён овардааст”.

Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон аз он изҳори нигаронӣ намуд, ки “бидуни дарки ҳадафҳои аслии созмону гуруҳҳои ифротиву террористӣ баъзе воситаҳои ахбори омма барои роҳбарони онҳо минбар ё дигар имконоти ибрози матлабро фароҳам меоранд”.

Ӯ гуфт, ки “ин гуна рӯйкардҳо, ба назари мо, ғайрисозанда буда, гуруҳҳои носолимро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таблиғу ташвиқ менамоянд”.

“Ҳамчунин, қобили тазаккур аст, ки имрӯз созмону гуруҳҳои ифротиву террористӣ зимни роҳандозии ҳадафҳои нопоки худ аз зарфиятҳои технологияи иттилоотии пешрафта фаровон истифода мебаранд, ки бояд ин мавзуъ мавриди таваҷҷуҳ ва тадбирандешии муассири масъулону коршиносон қарор гирад”,- гуфт Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти Тоҷикистон бо такя ба таҳлили пешбиниҳо гуфт, ки “чунин вазъият дар минтақа ва кишварҳои алохидаи дунё дар оянда идома ёфта, ҳузур ва фаъолияти ДОИШ ва Ал-Қоида густариш меёбад”.

Аз ин лиҳоз, Эмомалӣ Раҳмон “зарурати таҳияи равишҳои нави инноватсионии муборизаи муштарак бар зидди терроризм, паҳншавии идеологияи ифротгароӣ ва тундгароии динӣ, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои муосир”-ро махсусан таъкид намуд.

Президент гуфт, ки Тоҷикистон барои таҳкими марзаш бо Афғонистон дар ду соли охир 175 иншооти сарҳадӣ сохта, лозим аст, ки боз 300 иншооти дигар бунёд намояд.

Камингоҳи террористон

Зикр кардан бамаврид аст, ки таҳдидҳо аз Афғонистон баъди ба қудрат расидани гуруҳи тундрави Толибон мавзӯи суҳбати аксар иштирокдорони ҳамоиш буд. Владимир Тарабрин, намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Русия “аз ҳамлаи ваҳшатноки террористӣ” ба сафорати ин кишвар дар Кобул ёд кард. Дар ин таркиш, ки рӯзи 5-уми сентябри имсол рух дод, ду кас кушта ва камаш 11 нафар захмӣ шуданд.

Намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Русия дар Душанбе гуфт, ки ин ҳамла “далели ҷиддии муҳим будани муттаҳидӣ дар мубориза ба терроризм, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ мебошад”. Изҳороти ин мақомдори рус дар ҳолест, ки Маскав талош дорад бо Толибон равобити хуб дошта бошад.

Намояндагони Толибон борҳо гуфтаанд, ки иҷоза намедиҳанд хоки Афғонистон барои ҳамла ба ҳамсояҳо истифода шавад. Аммо ҳузури ҷангҷӯёни ДОИШ ва Ал-Қоида дар ин кишвар исбот шудааст. Аз ҷумла, мақомоти амрикоӣ рӯзи 31-уми июли имсол эълон карданд, ки Айман Аз-Завоҳирӣ, роҳбари “Ал-Қоида”-ро дар маркази шаҳри Кобул тариқи ҳавопаймои бесарнишин куштаанд. Дар аввал Толибон ин хабарро рад карданд, вале баъдан гуфтанд, ки аз омадани роҳбари Ал-Қоида ба Кобул хабар надоштанд.

Қосими Бекмуҳаммад, таҳлилгари масоили минтақа мегӯяд, ки Афғонистон ба яке аз минтақаҳои амн барои ҳузури ифротиён ва террористон табдил шудааст.

“Бархилофи иддаои раҳбарони Толибон барои роҳ надодан ба ҳузур ва нуфузи террористҳо ба кишварҳои ҳамсоя, тайи беш аз як соли гузашта шоҳиди он набудем, ки ҳатто як террористро ба кишваре истирдод карда бошанд”,- мегӯяд Қосими Бекмуҳаммад.

Дар ҳошияи ҳамоиш

Дар ҳошияи ҳамоиши байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» ҳарфҳои дигар низ буд.

Аз ҷумла, ширкат накардани Қирғизистон дар ин ҳамоиш баъди танишҳои марзиро коршиносон ба ҳар шева шарҳ медиҳанд. Ҳол он ки, вазири корҳои хориҷии ин кишвар ба ҳамоиш даъват шуда буд.

Нуктаи дигар дар ҳамоиш бархӯрди намояндагони Русияву Украина аст, ки феълан дар ҳоли даргирӣ ҳастанд. Валерий Евдакимов, сафири Украина дар Тоҷикистон Русияро дар терроризм муттаҳам кард. Владимир Тарабрин, намояндаи вижаи ВКХ Русия доир ба ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ сафири Украинаро "актёр" хонд.

Пайвастани ҷавонон ба сафи гуруҳҳои террористӣ мавзуи дигари ҳамоиш буд, ки феълан барои ҷомеаи ҷаҳонӣ доғ шудааст.

Вале зоҳиран нигоҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар ба Афғонистон равона шуда буд. Махсусан, Тоҷикистон, ки бо Афғонистон 1400 километр сарҳад дорад ва як қисми он дар минтақаҳои назорataш душвор ҷойгир шудааст. Ҳамин аст, ки кишвари мо маротибаи сеюм ба муқобили терроризм ҳамоиши сатҳи баланд баргузор мекунад. Ҳамоиши ахир зери чатри СММ баргузор шуд.

О. СОҲИБЗОДА

МАВҚЕЪ



ФАЗЛИДДИН АСОЗОДА

БОРОН

Баҳонаи хубе барои ситоиш аз фаъолиятҳои як ҳамкасб

Ахиран, баъд аз гармову ба дами нафас кашидани чангу ғубор ҳаво боронӣ шуд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Тоҷикистон истинодан ба маълумоти Агентии ҳавошиносии кишвар хабар дод, ки аз 18 то 20-уми октябри соли 2022 дар қаламрави Тоҷикистон ҳавои номусоиду боронӣ дар назар дошта шудааст.

Вақте ин хабарро нашр кардам, дӯсте шӯхиомез гуфт: “Шумо журналистҳо фақат фолбинӣ мекунед ва ҳамеша таъбирҳоятон хому хатала мебароянд”. Кинояташ маълум буд. Яъне, чун садҳо дигар одамон, ба пешгӯиҳои Агентии ҳавошиносӣ бовар надошт. Сухани танзомезашро дарк кардам ва гуфтам, ки тоқат кунад, ҳоло вақт ҳаст.

Худи ҳамон рӯз, 18-уми октябр кам-кам борон борид. Субҳи имрӯз, 19-уми октябр, вақте аз хона ба кор меомадам, борон беист меборид. Қазияи дирӯза ба ёдам расид. Ба худ гуфтам, ки “ин бор бо он дӯст рӯ ба рӯ шавам, ҳатман аз нодурустии тахминаш ёдовар мешавам”.

Хушҳол аз он будам, ки пешгӯии Агентии ҳавошиносӣ дуруст баромаду на танҳо масъулини ин ниҳоду КҲФ, балки маро низ ноҳинҷор накард.

Аммо ҳоло гап сари амалӣ гаштан ё нагаштани пешгӯиҳои Агентии ҳавошиносӣ нест. Андеша маро ба фикри фаъолиятҳои пайваставу фаврии масъули иттилооти КҲФ Умеда Юсупова мебарад. Ҳама ҳамкасбон шоҳидем, ки ӯ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳам дар хати телефони хизматӣ то чӣ андоза фаъол аст. Чанд нафар котибони матбуотии фаъоли дигар ҳам дорем, ки бисёриҳо онҳоро хуб мешиносанд, чун корашон мураттаб аст. Вале, боз котибони матбуотие низ дорем, ки шояд қисми зиёдамон онҳоро умуман нашиносем.

Бо баҳонаи борон аз як нафар ҳамкасбамон ситоиш кардем. Акнун, як умедворӣ ҳаст: боварӣ дорем, ки котибони матбуотии ниҳодҳои мухталиф бо вазорату идораҳо, хусусан мақомҳое, ки фаъолияташон ба якдигар наздикӣ дорад, ҳамкории бехтареро ба роҳ мемонанд.

Ку бинем, кӣ пештоз мешавад...

ТЕРРОРИСТ НЕ, МУҲОҶИР БУД

Тоҷики кушташуда дар Белгород кист?

- Дар тамрингоҳи низомии вилояти Белгород шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Маскав бо Вазорати мудофиаи Русия қарордод бастаанд, ба сӯи сафарбаршудагон тирандозӣ кардаанд,- хабар медиҳад РБК бо истинод ба Кумитаи тафтишот.



Дар Белгород чӣ гузашт?

"Тирандозӣ дар тамрингоҳи низомии вилояти Белгород шоми рӯзи 15-уми октябр, ки бар асари он 11 нафар кушта шуданд, аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон, соли таваллудашон 1999 ва 1198 Аминзод Тоҷиддин (Аминзода Эҳсони Тоҷиддин) ва Мехроб Раҳмонов сурат гирифтааст, ки онҳоро комиссариати ҳарбии ноҳияи Чертановои Маскав сафарбар кардааст",- хабар медиҳад РБК бо истинод ба манбаи наздик ба Кумитаи тафтишот ва огаҳ аз ҷараёни тафтишот. Дар сомонаи Кумитаи тафтишот чунин маълумот нест.

Тибқи маълумоти манбаъҳои РБК, Аминзод ва Раҳмонов ба қисми ҳарбии воқеъ дар деҳаи Солотии ҳавзаи шаҳрии Валуйск рӯзи 11-уми октябр омадаанд.

Баъди 4 рӯз, 15-уми октябр тибқи маълумоти ТАСС, Вазорати мудофиа хабар дод, ки ҳангоми машғулият бо ихтиёриён дар тамрингоҳи Ҳавзаи ғарбии ҳарбӣ ду шаҳрванди "яке аз кишварҳои ИДМ" тирандозӣ карда, дар натиҷа 11 кас кушта ва 15 нафари дигар захмӣ шуданд. Ҳамлагарон бо оташи ҷавобӣ кушта шуданд. Дар сомонаи Вазорати мудофиаи Русия чунин маълумот нест. Сабаби бархӯрди шаҳрвандони Тоҷикистон дар Белгород маълум нест.

Алексей Арестович, мушовири Владимир Зеленский, президенти Украина гуфтааст, ки ҳамлагарон аз Тоҷикистон буда, баъди баҳс бар сари дин ба сӯи ҳамхидматони худ оташ кушодаанд.

Мақомоти Тоҷикистон низ дар ин мавриди вокуниш нишон надодаанд.

Маҷбурӣ ба ҷанг бурда шуд!?

Радиои Озодӣ шахсияти яке аз тоҷикони кушташударо дар тамрингоҳи Белгород муайян кард ва ӯ Эҳсон Аминзода (Эҳсони Тоҷиддин), шаҳрванди 24-солаи Тоҷикистон аст. Пайвандони Эҳсон Аминзода (Эҳсони Тоҷиддин) мегӯянд, ки "ӯ дар тарабхонае бар асоси патент кор мекард ва нияти ба ҷанги Украина рафтан надошт". Онҳо гуфтанд, ки ӯ рӯзи 10-уми октябр дар назди метрои Люблинои Маскав "гум шуда буд" ва хабари маргашро 16-уми октябр мақомоти рус расонданд. Тоҷиддин Аминзода, падари Эҳсон ва мудири Маркази ҳамоҳангсозӣ ва маркетингии Вазорати саноат дар вилояти Хатлон низ марги писарашро тасдиқ кардааст.

Фирӯз Аминзода, бародари Эҳсон Аминзода гуфтааст, ки ӯ ҳафт моҳ пеш ба Русия рафта, дар як тарабхона кор мекард. "Бародарам шаҳрвандии Русияро надошт ва бо патент фаъолият дошт. Ҳоло маро ба Прокуратураи ҳарбӣ даъват карданд. Намедонем, ӯ чӣ хел дар Белгород пайдо шуд. Бародари ман на террорист буд, на чунин фикр дошт. Як муҳоҷири одӣ буд, ки мехост кор кунад ва зиндагияшро бисозад",- афзуд ӯ.

Аминзода гуфт, ки бародараш рӯзи якшанбеи гузашта, 10-уми октябр, баъд аз кор гуфтааст, ба назди дӯстонаш меравад ва ба ҳамин телефонаш хомӯш шудааст. Ӯ гуфт, ки бародараш "шахси мутаассиб набуд". Эҳсон ният доштааст, ки зудтар пул кор кунад ва ба Тоҷикистон баргашта, бо дӯстдоштааш издивоҷ кунад.

Дар мавриди тоҷики дигари кушташуда Мехроб Раҳмонови 23-сола маълумот дастрас нест. Бо пайдо шудани маълумот ва шарҳи бештар шуморо огоҳ хоҳем кард.

РОЗА ОТУНБОЕВА БО ТОЛИБОН ЧӢ ГУФТ?

Роза Отунбоева, фиристодаи вижаи Созмони Милали Муттаҳид дар масоили Афғонистон, дар аввалин дидори худ бо Амирхон Муттақӣ, сарпарасти Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон дар бораи ҳамкорӣ дар масоили эътимодсозӣ, системаи бонкӣ ва омӯзиш барои ҳама, бахусус духтарон баҳсу гуфтугӯ намудааст.

Дар ин бора Ҳайати муовинони СММ (UNAMA) дар масоили Афғонистон хабар медиҳад.

Ба иттилои манбаъ, Роза Отунбоева ва Амирхон Муттақӣ бо вуҷуди тафовути назарҳо ба зарурати наздиктар сохтани Афғонистон ва ҷомеаи байналмилалӣ ба хотири афғонҳо тавофуқ намудаанд.

Ҳамчунин, Роза Отунбоева бо Мавлавӣ Абдулкарим, муовини Ҳайбатуллоҳ Охундзода, раҳбари Толибон мулоқот намуда, дар мавриди ҳуқуқи расонаҳо, омӯзиши духтарон, ҳукуматдорӣ, саҳми ҳаётии ҳамаи афғонҳо, аз ҷумла занон дар бозсозии Афғонистон гуфтугӯ намудааст.

Фиристодаи СММ барои Афғонистон бо Абдусалом Ҳанафӣ, муовини дигари Охундзода дар робита ба масоили кумакҳои байналмилалӣ, маводи мухаддир ва аҳамияти омӯзиши духтарон сухбат кардааст.

Гуфтан бамаврид аст, ки Роза Отунбоева, фиристодаи вижаи СММ дар Афғонистон қаблан дар маснади президенти Қирғизистон фаъолият карда, муддате ҳукумати ин кишварро роҳбарӣ намудааст.



ИЛОН МАСК АЗ ХАТАРИ БУЗУРГ ҲУШДОР ДОД

Соҳибкори амрикоӣ Илон Маск пешниҳод кард, ки башарият худро дигар бо силоҳи ҳастаӣ ҳадаф қарор надиҳад.

Вай дар саҳифааш дар "Twitter" ҳушдор дод, ки башарият феълан дар рӯ ба рӯи хатари баланди истифодаи силоҳи ҳастаӣ тайи 60 соли охир қарор дорад.

"Хуб мешуд, агар рӯзе инсоният аз ҳадафи силоҳи ҳастаӣ қарор додани худ даст кашад, ки тақрибан тамоми ҳаёти рӯи заминро несту нобуд мекунад",- изҳор дошт ӯ.

Вай ҳамчунин таъкид намудаст, ки Русия давоми 30 дақиқа тавони нобуд кардани Аврупою Амрикоро дорад ва баръакс. Маск изҳори ҳайрат кардааст, ки теъдоди хеле ками одамон инро медонанд.

Мавриди ба зикр аст, ахиран Маск навишт, ки ба имкони пирӯзии Украина дар сурати ҷанги густарда бо Русия шубҳа дорад ва ҷонибҳоро ба сулҳ даъват кардааст.

Вай инчунин дидгоҳи худро дар бораи ҳалли низоъ дар Украина пешниҳод кард. Дар баробари раъйдиҳии такрорӣ дар Донбасс таҳти назорати СММ Маск нигоҳ доштани Қримро ҳамчун як қисми расмии Русия, чуноне аз соли 1783 то хатои Хрушёв буд, пешниҳод кард.

БИЛЛ ГЕЙТС БО ТОЛИБОН ҲАМКОРӢ МЕКУНАД

- Бунёди хайрияи Билл ва Мелинда Гейтс ба ҳамкорӣ бо толибҳо дар Афғонистон шуруъ кардаст,- хабар дод "The Telegraph".

Ба гуфтаи сармоядори калони амрикоӣ, муассиси "Microsoft", ӯ ба ҳукумати муваққати Афғонистон дар мубориза бо фалаҷи атфол кумак мекунад.

Гейтс изҳор доштаст, ки шарикони бунёди ӯ дар Қатар бо толибҳо мулоқот карданд ва дар он ҷо барои ҳамкорӣ мувофиқат намудаанд. Дар суҳбат бо нашрия миллиардер қайд кард, ки ӯ намедонад, ин мавзуъ маҳфӣ аст ё не.

Миллиардери амрикоӣ ҳамчунин ба ин суол, ки оё худи ӯ барои мулоқот бо ҷангҷӯёни толибҳо омода аст, посухи мустақим надодааст.

"Ман барои кумак ба маъракаи аз байн бурдани фалаҷи атфол ба бисёр кор қодирам. Ин авлавияти кори бунёд аст",- афзуд Гейтс.

Вай ҳамчунин эълом кард, ки барои мубориза бо фалаҷи атфол дар саросари ҷаҳон 1,2 млрд доллари изофӣ ихтисос хоҳад дод.

Маврид ба зикр аст, ки аз соли 2007 инҷониб Бунёди Гейтс ба ин ҳадафҳо 5 млрд доллар хайрия кардааст.



САМАРҚАНД - ПОЙТАХТИ ФАРҲАНГӢ - 2024

Дар ҷаласаи Шӯрои сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил номзадии шаҳри Самарқанд ба сифати пойтахти фарҳангии Иттиҳод дар соли 2024 пешбарӣ шуд. Дар ин бора Podrobno.uz хабар медиҳад.

Гуфта мешава1д, бо мақсади ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи инноватсия ва байни ҷавонон Шавкат Мирзиёев пешниҳод намудааст, ки соли оянда дар Ӯзбекистон таҳти унвони "Ҷавонон ҷонибдори инноватсия" (Молодежь за инновации) Конгресси якуми олимони ҷавони ИДМ гузаронида шавад.



ЗЕҲНИ СУНЪӢ

аз қабули стратегия то интизорӣ дар Тоҷикистон

Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ аввалин кишварест, ки Стратегияи рушди зеҳни сунъиро қабул кардааст. Ин стратегия то соли 2040-ро дар бар мегирад ва масъули иҷроиш Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон мебошад. Таҳлилгарони соҳа аз ин иқдоми Ҳукумати кишвар барои қабул ҷонибдорӣ намуда, бовар доранд, ки акнун Тоҷикистон қадами асосиро ҷиҳати рушди рақамикунонии иқтисод мегузорад.

Зеҳни сунъӣ чист?

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Паёми гузашта ба масъулини ниҳодҳои блоки иқтисодии кишвар дастур дода буд, ки ҷиҳати таҳия ва васеъ истифода намудани технологияҳои муосир дар соҳаҳои иқтисод Стратегияи миллии зеҳни сунъӣ таҳия ва татбиқ карда шавад. Акнун, бо гузашти беш аз 8 моҳ дар ҷаласаи Ҳукумат, ки 29-уми сентябр баргузор гардид, ин масъала дубора ба миён омад ва Стратегияи рушди зеҳнӣ то давраи соли 2040 қабул шуд.

Аммо баъд аз Паём дар чанде аз муасиссаҳои олӣ, пеш аз ҳама дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ маркази зеҳни сунъӣ таъсис ёфт. Ба гуфтаи масъулини ин донишгоҳ, бо пешниҳоди ректор Қудрат Давлатзода дар ростои рушди бесобиқаи илму техника, дарёфт ва рушди малакаи зеҳнии донишҷӯёни лаёқатманд дар донишгоҳ Маркази зеҳни сунъӣ таъсис дода шудааст.

Аслан, зеҳни сунъӣ чист? Кам кардани қувваи меҳнат тавассути технология. Яъне, кор бештар тавассути технологияи рақамӣ ва комютер идора ва амалӣ мегардад. Ба забони русӣ онро “искусственный интеллект” ва ба забони англисӣ “artificial intelligence” меноманд. Онро ба ибораи дигар “инсон дар дохили компютер” низ меноманд.

Алифбонк ҷонибдор аст



Абдулло Қурбонов, роҳбари «Алиф Бонк» ҷонибдори қабули чунин як стратегия аст. «Муҳим аст, ки иқтисодиёти мо бештар ба технологияҳои иттилоотӣ тамаркуз намояд. Чун мо аз баҳрхову роҳҳои осони содироти молу маҳсулоти моддӣ дур ҳастем, дар он самт дар арсаи байналмилалӣ рақобатпазир будан бароямон хеле мушкил аст. Ҳол он ки, дар содироти барномаҳову молҳои зеҳнӣ рақобатпазир буда метавонем. Аллакай имрӯз барномасозони тоҷик барномаҳое навишта истодаанд, ки бо онҳо метавон ифтихор кард, аз он ҷумла барномаҳои мураккаби соҳаи бонкӣ»,- изҳор дошт номбурда.

Нахустин маркази зеҳни сунъӣ дар Душанбе



Ҳоло дар Душанбе марказҳои таҳияи барнома ва кор дар самти зеҳни сунъӣ аллакай амал мекунанд. Яке аз онҳо «TajRupt» - нахустин лаборатория ё маркази зеҳни сунъӣ аст, ки дар Осиёи Марказӣ онро беназир медонанд. Гуфта мешавад, ки «TajRupt» бо дастгирӣ ва мусоидати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон ва иқдоми ҷавони тоҷик Азизҷон Азимӣ, ки ҳатмкардаи Донишгоҳи Гарварди Амрико мебошад, таъсис ёфтааст. Як сол қабл ҳангоми ифтитоҳи муассисаи мазкур кормандони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон, парлумон, вазири саноат ва технологияҳои нави кишвар, раиси Бонки миллӣ, роҳбарони муассисаҳои илмию таълимӣ иштирок намуданд.

- Тавонмандсозии ҷавонони кишвар дар соҳаи зеҳни сунъӣ аз ҳадафҳои асосии таъсиси муассиса маҳсуб меёбад,- мегӯяд муассис ва роҳбари «TajRupt» Азизҷон Азимӣ.

Барномаи таълимии «TajRupt» дар шакли баъд аз мактаб тартиб дода шуда, 10 ҳафта давом мекунад ва иборат аз 75 дақиқаи дарсҳои интерактивӣ, дар як ҳафта се маротиба мебошад. Донишҷӯ дар TajRupt, дар доираи барномаи таълимии 10-ҳафтаӣ як қатор мафҳумҳо, аз қабили сиёсати давлатӣ, фалсафа, бозорҳо, ВАО, технология, ҷаҳонишавӣ ва корҳои байналмилалӣ ва баробарии гендериро меомӯзад. Барои ҳавасмандгардонии таваҷҷуҳи донишҷӯён ба барномаи таълимӣ, забони англисӣ ҳамчун забони асосии муошират дар синф ҷорӣ гардидааст.

Зеҳни сунъӣ ба мо чӣ медиҳад?

Ба андешаи Азизҷон Азимӣ, ҳоло зеҳни сунъӣ қисми муҳими иқтисодиёт аст. Системаҳои комютерие ҳастанд, ки мисли одам таҳлил ва қарор қабул карда метавонанд. “Аз ин хотир, мо тасмим гирифтем, ки маркази зеҳни сунъиро ҳамчун як заминае барои пешрафти иқтисодиёт ташкил намоем”,- мегӯяд номбурда.

Ҳатто Азизҷон Азимӣ кори илмиашро ҳам дар самти рушди зеҳни сунъӣ то соли 2030 дар мисоли Тоҷикистон гирифтааст. “Мо бо Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нав вохӯрдем. Вақте ки атрофи зеҳни сунъӣ суҳбат кардем, завқу таваҷҷуҳашон пайдо шуд. Ҳоло пешниҳодҳоеро, ки доштем, дар якҷоягӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав зина ба зина амалӣ карда истодаем. Чӣ тавр? Айни замон дар назди вазорати саноат як марказ таъсис ёфтааст, ки ҳадаф аз он қавӣ гардонидани рушди иқтисоди рақамӣ мебошад. Дар назди ин марказ боз Шӯрои зеҳни сунъӣ ҳам таъсис ёфтааст, ки онҷо тамоми намояндагони бахши хусусӣ, блоки иқтисодӣ, муассисаҳои олӣ ва коршиносон аз давлатҳои хориҷӣ дар вақти мувофиқ ҷамъ омада, назари худро иброз меоранд”,- чунин андеша дорад муассиси «TajRupt».

> **ҲОЛО ЗЕҲНИ СУНЪӢ ҚИСМИ МУҲИМИ ИҚТИСОДИЁТ АСТ. СИСТЕМАҲОИ КОМЮТЕРИЕ ҲАСТАНД, КИ МИСЛИ ОДАМ ТАҲЛИЛ ВА ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА МЕТАВОНАНД.**

Феълан дар Тоҷикистон Консепсияи рушди иқтисодиёт то давраи соли 2040 низ қабул шудааст. Ба андешаи инҷониб, он метавонад заминаи хубе барои рушди зеҳни сунъӣ дар кишвар гардад. Аммо то кучо Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон амалӣ мегардад, аз намояндагони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла блоки иқтисодӣ сахт вобаста аст.

Мутахассисони соҳа дар ин бора чӣ андеша доранд?

Усмон РАҲИМЗОДА

Назари дигаре доред? Нависед: tojikiston@pressa.tj

ГИРИФТАНИ ПАТЕНТ ОСОН ШУД?

Байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии федералии “Хадамоти шиноснома ва раводид”-и Вазорати корҳои дохилии Русия Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

Санади мазкур ахиран пас аз вохӯрии муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Шаҳноза Нодирӣ бо муовини директори генералии КВДФ “Хадамоти шиноснома ва раводид”-и ВКД-и Русия ба имзо расидааст.

Зикр гардидааст, ки таъсиси намояндагии КВДФ “Хадамоти шиноснома ва раводид” дар Тоҷикистон ба шахрвандони кишвар барои гузаштани бақайдгирии изи ангушт ва гирифтани патент ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ, шаҳодатнома оид ба донистани забони русӣ ва асосҳои қонунгузории Русия пеш аз сафар ба ин кишвар мусоидат менамояд.

Гуфта мешавад, ки ин вохӯрӣ бо мақсади роҳандозии ҳамкорӣ барои баррасии имкониятҳои таъсиси намояндагии “Хадамоти шиноснома ва раводид” баргузор шудааст.

АФЗОИШИ ВУРУДИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ БА ТОҶИКИСТОН

Теъдоди вуруди шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон дар зарфи 9 моҳи соли ҷорӣ дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 2,5 баробар зиёд шудааст.

Бино ба иттилои Агентии омори кишвар, давоми моҳҳои январ-сентябри соли равон 870 ҳазор шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон омадаанд. Ин дар ҳолест, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2021 ба 344 ҳазор нафар баробар буд. Вуруди нисбатан бештари хориҷён ба чумҳурӣ дар семоҳаи сеюми ҳамин сол зиёда аз 400 ҳазор нафар ба қайд гирифта шудааст. Дар ду семоҳаи аввали сол (6 моҳ) 470 ҳазор нафар аз Тоҷикистон боздид намудаанд.

Аз ҳама бештар вуруди шаҳрвандони Русия афзудааст: дар 2 семоҳаи аввал 112 ҳазор ва дар семоҳаи сеюми сол 113 ҳазор нафар.


Ба ин тариқ, аз рӯи натиҷаҳои семоҳаи сеюм вуруди шаҳрвандони Ӯзбекистон ба чумҳурӣ аз 320 ҳазор нафар дар 2 семоҳаи аввал то ба 575 ҳазор нафар, Қазоқистон аз 9,7 ҳазор то ба 18 ҳазор, Туркия аз 2,7 ҳазор то 5,2 ҳазор, Чин аз 2 ҳазор то 3,8 ҳазор, Қирғизистон аз 1,9 ҳазор то 3,5 ҳазор, Эрон аз 1,8 ҳазор то 3,2 ҳазор ва Афғонистон аз 1,5 ҳазор то 2,5 ҳазор нафар афзудааст.

БА ТАВАҶҶУҲИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ СИНО

ДӮЛОБКОРӢ

Чаро таъмиру бозсозӣ ба охир намерасад?

Ташаббусҳои бо ободонию созандагӣ сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба гулгулшукуфоӣ ва ба «Шаҳри сабз» мубаддал кардани пойтахти кишвари маҳбубамон -шаҳри Душанбе ҳар як сокину меҳмони онро руҳбаланду шод мегардонад.



Корҳои роҳсозӣ ва таъмири роҳҳо дар кӯчаю хиёбонҳо ва гузаргоҳҳои ноҳияи Сино аз ҷониби роҳсозони Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи мазкур боиси таҳсину офарин мебошад. Аммо табъи касро то ба охир нарасонидани корҳои роҳсозӣ дар баъзе мавзеъҳои ноҳия хира месозад. Роҳсозон билхоса дар сохтани пиёдароҳҳо ба саҳланкорӣ роҳ медиҳанд. Яъне, баъзе қисматҳои пиёдароҳҳоро бинобар мавҷуд будани монеаҳо - чуқурию баландиҳо, кабелҳо ё қубурҳо, кундаҳо ва бетонтахтаю сангҳои азим носохта монда мераванд. Шояд як сабабаш бисёр будани «фронти» корҳои роҳсозиҳои нав бошад, ки онро бояд фавран ба истифода бидиҳанд. Ана ҳамин қисматҳои фаромӯшшудаи пиёдароҳҳо сабаби дар боронгарию зимистон азоб кашидани мардум мегарданд.

Далелҳои ин иддаои мо аксҳои мазкури фаромӯшхотириҳо дар даврароҳи хиёбони Саъдии Шерозӣ ва кӯчаи Маяковский мебошад.

Роҳсозони муҳтарам! Ҳамин гуна майда-чӯйдаҳо метавонанд сабабгори озори мардум гарданд ва сифати коратонро паст мезананд.

Э. НАЗАРОВ,
сокини шаҳри Душанбе



ЯҲУДИЁНИ ХУҶАНД

Аз онҳо фақат гӯристон мерос мондааст

Аз рӯи маълумоти оморӣ, соли 1927 дар Хуҷанд 75 оилаи яҳудиён зиндагӣ доштанд. Шумораи онҳо ба 380-400 нафар мерасид. Яҳудиён асосан дар маҳаллаҳои шафати Панҷшанбе сукунат доштанд.

Яҳудиён дар Хуҷанд аз соли 1868 сукунат ихтиёр карда, то фурӯпошии Шӯравӣ шумори оилаҳояшон ба 1000 расид. Яҳудиён дар соҳаҳои гуногун кору фаъолият мекарданд. Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 10 нафар омӯзгорони мактабҳои миёна, 4-5 нафар духтурон, дар шаҳри Хуҷанд 1-2 нафар кормандони прокуратураи шаҳр, 36-40 нафар дар дӯконҳои мӯйсаргирӣ, 5-6 нафар суратгир, 6 нафар омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Хуҷанд ва боқимондаи он бо касби заргарӣ, дандонсозию сохтани асбобҳои ороишии занону духтарон хидмат мекарданд.

Педагог Н. К. Давидов, Н. Давидов, А. М. Михайлов, Д. М. Шпринберг - декани факултаи забонҳои хориҷӣ, Р. Бадалова - номзади илми кимиё, Мишеев А., Маталов, мушовири шуъбаи маорифи ноҳияи Б. Ғафуров Хаимов Н. ва хоҳари ӯ Хаимова А., директори мактаби №5-и шаҳри Хуҷанд ва муаллимаи забон ва адабиёти мактаби миёнаи №20-и шаҳри Хуҷанд, духтур - стоматолог, дандонсоз Закинов, И. Е. Михайлов - духтури гӯшу бинию гулӯ - ҷарроҳ кор мекарданд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ онҳо ба Ватани бобоияшон - Исроил, ИМА, Италия, Канада ва ба дигар давлатҳо кӯч бастаанд. Охирин яҳудии Хуҷанд Ҷӯра Абаев буд, ки моҳи январи соли 2021 аз олам даргузашт. Аз онҳо як қабристон ба ёдгор мондааст.

С. ХУДОЙБЕРДИЕВ





ПОСДОРИ ҲУВИЯТИ ТОҶИКӢ

Ё бардоште аз суҳбат бо набераи Мирзо Муҳиддин Мансуров

Шиносои вуҷуди
хештан шав,
Пас он гаҳ сарфарози
анҷуман шав.

Соли 2019 дар шаҳри Тошканд меҳмони хонадони Маҳбуба Муҳиддинова гардидам. Маҳбуба Муҳиддинова набераи Мирзо Муҳиддин Мансуров буда, айни ҳол дар шаҳри Тошканд зиндагӣ мекунанд. Эшон бонуи хоксор ва равшанзамир буда, аз адабиёти тоҷик огоҳии комил доранд.

Боре ба эшон савол додам, ки пайвандони шумо дар таъсиси аввалин рӯзномаи "Бухорои Шариф" дар Бухоро чӣ нақш гузоштанд? Эшон чунин посух доданд: “Бобоям Мирзо Муҳиддин Мансуров ва падарам Абдуқодир Муҳиддинов аз зумраи равшанфикрони Бухоро буданд. Дар манзили мо китобхонае буд, ки дар он 7000 китобҳои дастнавис ва рӯзномаҳои дохил ва хориҷи кишвар мавҷуданд. Бобоям тамоми дорояшро ба пешрафти мактабу маориф бахшидаанд. Хусусан дар нашри рӯзномаву маҷаллаҳо ва китобҳои дарсӣ саҳим буданд. Хидмати бобоям дар таъсис ва нашри рӯзномаи "Бухорои шариф" хеле калон аст. Ин рӯзномаро хеле дӯст медоштанд. Ҳар боре ба утоқи кориашон медаромадам, дар рӯйи мизи корашон шумораҳои ин рӯзномаро медидам. Ҳамеша ин рӯзномаро мутолиа мекарданд. Айни замон дар манзили ман 87 шумораи ин рӯзнома мавҷуд аст, ки ҳар яки онҳоро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ медорам”.

Муносибати Маҳбуба Муҳиддинова ба нахустрӯзномаи тоҷикӣ ва умуман адабиёту фарҳанги миллӣ далели аҳли маърифату хирад будани ин бонуи хушманд аст. Зеро посдории ҳувияти тоҷикӣ ва нигоҳ доштани асолати миллӣ рисолати муҳими ин хонадон мебошад.

Бахтовар ТЕМИРЗОДА,
муаррих

БА ТАВАҶҶУҲИ РАИСИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН

АЗ ТАГИ БОРОН ЗЕРИ НОВАДОН

Ё чаро об дар хонаву мо ташналабон мегардем?

Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои захираҳои бузурги об мебошад. Ташаббусҳои Тоҷикистон доир ба об дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Вале сокинони Қалъаи Баланди шаҳри Истаравшан натанҳо аз ин неъмати фаровон бебаҳра ҳастанд, балки “пул додаву дарди сар хариданд”.

Сокинони Қалъаи Баланд 4 моҳ аст, ки ба як қатра об зоранд, аммо касеро дар Истаравшан парвое нест. Идораҳои дахлдори шаҳр дар иҷрои вазифаи худ содиқ нестанд. Мисол, масъулини водоканали шаҳри Истаравшан обро “бизнес” кардаанд ва парвои мардумро надоранд. Роҳбари идораи водоканали шаҳри Истаравшан Алиев Алӣ ва муовинаш Ҳакимов Фарух парвои мардумро надоранд.

Фанду фиребҳои водоканал тамом нашуда, боз як ширкати дигар бо номи "Суғдбаркӯсохтмонлоиҳакаш" обёрии ҷамоати деҳоти Қалъаи Баландро, ки аҳолиаш аз 10 000 нафар зиёд мебошад, ба уҳдаи худ гирифт. Масъулини ширкати номбурда бо раиси ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд ва вакилони мардумӣ шартнома бастанд, ки мувофиқи он тамоми участкаҳои наздиҳавлигӣ ва хонаҳои истиқоматӣ бо оби нӯшокии турбавии ҳисобакдор таъмин мешаванд ва баъди ба итмом расидан шитҳои ҳисобакдорро насб намуда, ҳар як кӯча 100% бо об таъмин шуда, роҳҳоеро, ки дар равандӣ партофтани турбаҳо вайрон шуда буданд, рӯйпӯш ва мумфарш мекунанд. Мардум умеди зиёд доштанд, аммо ин ширкат ҳам "обро лой карда, моҳӣ қапиданӣ" будаасту мо “аз зери борон таги новадон” афтодем.

Мо баъдтар огоҳ шудем, ки ин лоиҳаи обёрӣ аз тарафи ташкилоти байналмилалӣ маблағгузорӣ мешудааст, вале масъулин ба ҷойи пулро ба манфиати халқ равона кардан, обу лой кардаанд. Обро каму беш ба 100-200 хоҷагӣ тақсим намуданду “маблағ тамом шуд” гӯён, ба итмом нарасонида, хунукназарона партофта рафтанд. Ҳамакнун, деҳоти Қалъаи Баланд ба як қатра об зор шудааст.

Обро аз деҳоти ҳамсоя бо хару ароба меорем. Ҳол он ки, дар Қалъаи Баланд 2 мактаб, 2 беморхона ва 2 чойхона ва даҳҳо манзили зист аз об маҳруманд.

Фасли гарморо як навъ пушти сар кардем. Дар хунукии зимистон чӣ кор мекунем? Мо борҳо ба мақомоти шаҳри Истаравшан мурочиат кардем, вале мушкиламон ҳал нашуд.

Умед аст, ки пас аз нашри матлаби мо мақомоти дахлдор роҳи ҳалли ин муамморо меёбанд ва мо бо об таъмин мешавему гунаҳгорон ҷазо мегиранд.

Эҳром РАҶАБОВ,
сокини деҳаи Қалъаи Баланди шаҳри Истаравшан

АЗ ИДОРА: *Сокинони ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд тариқи “Тоҷикистон” оид ба ин проблема ба Прокурори генералии Тоҷикистон низ мурочиат кардаанд. Умед аст, ки ин мушкил дар сатҳи МИҲД-и шаҳри Истаравшан ҳаллу фасл хоҳад шуд.*

РИШ ВА ТӮЙ

Донишҷӯписаре наздам даромаду гуфт:

- Муаллим, тӯй дорам. Ариза навиштам. Маро як ҳафта ҷавоб диҳед.

- Кай будааст тӯй?,- пурсидам аз ӯ.

- Баъди даҳ рӯз,- ҷавоб дод донишҷӯ.

- Ба хотири оиладор шуданатон як ҳафта не, даҳ рӯз ҷавоб медиҳам. Лекин ҳозир то тӯй даҳ рӯз боқӣ мондааст. Се рӯз пеш аз тӯй ариза навишта биёред. Тӯйро гузаронед ва баъди тӯй ҳафт рӯзи дигар ҳамроҳи арӯсатон ҳафтаи асалиро гузаронед. Туҳфаи мо бароятон ҳамин мешавад,- гуфтам ба ӯ.

- Не устод, ҳозир аризаи маро имзо кунед. Ман баъди як рӯзи тӯямон ба дарс меоям,- ҷавоб дод ҷавони тӯйдор.

- Хонаатонро таъмиру тоза мекунед, ки ҳозир ҷавоб диҳам?,- пурсидам аз ӯ.

- Не устод, риш мемонам. То рӯзи тӯй баланд шуданаш даркор. Бо риш дарс омада наметавонам,- гуфт донишҷӯ.

- Риш? Чӣ хел риш?,- ҳайрон шуда пурсидам аз ӯ.

- Риши тӯёна. Ҳозир бе он механданд.

- Ҳммм...,- аризаро имзо кардаму донишҷӯро ҷавоб додам.

Риш аз "ҳафтаи асалӣ" аҳамияти бештар доштааст.

Бало занад ин мӯдро! Мо вақташ то сари тахти домодӣ баромадан се бор ришро қоқ метарошидему бо одеколони "Красная Москва" рӯйи худро қариб месӯзондем.

Бахтиёри ҚУТБИДДИН,
декани факултаи журналистикаи ДМТ



ЗИНДАГИ ДАР САДАФИ ХЕШ ГУҲАР СОХТАН АСТ...

Мусоҳибаи нависанда Сипеҳри Ҳасанзод бо адабиётшинос Асрори Раҳмонфари Сомонӣ

- Устоди арҷманд Асрори Раҳмонфари Сомонӣ, шукри Худо, солиёнест, ки шумову наздиконатонро хеле хуб мешиносам, ба хонадонатон рафтуомад дорам ва ихлосманди офаридаҳои ҷаззобатонам; коргоҳи эҷодӣ, сифату хислат ва фазилатҳои инсониятонро низ хуб медонам. Бинобар ин, салоҳ донистам, ки дар остонаи 70-умин солгарди зодрӯзатон бо шумо суҳбате ороям. Қаблан, мегуфтед, ки дар кучо ва дар кадом муҳити иҷтимоӣ таваллуд ёфтаву ба воя расидаед?

- Банда зодаву парвардаи деҳаи ҷаннатосори Артучам, ки дар кафи пири бодагардони Зарафшон ҷоми забарҷадеро мемонад. Чандон ки дар хотирам бокӣ мондааст, бобои падариам Муллобобои Ашӯр - писаркалони падарашон Ашӯри Ниёзбокӣ буданд. Додару хоҳари зиёде доштанд. Бибиямро Ибодати Шашқатӣ (духтари Шарифи Гулдур) мегуфтанд. Эшон соҳиби як додару нуҳ апаву хоҳар, умре машғули тарбияти фарзандон буданд. Бобоям марде паҳлавончуссаи босаводу обрӯманд - хотимуттаҳсили мадрасаҳои бонуфузи Панҷакенту Самарқанду Бухоро, нахустин волостнойи ҷамоати Киштути вилояти Самарқанд, узви Отряди ихтиёрии милисаи Панҷакент, ширкатвари муборизаҳо алайҳи босмачиён ва истиқрори ҳукумати Шӯравӣ дар болооби Зарафшон, коммунисти матинирода, баъдан заҳматкаши саҳрову соҳаҳои мухталифи колхозӣ буданд. Дар хусуси корномаҳои ҷангию меҳнатиашон дар чандин китоби ёддоштиву таърихӣ сухан рафтааст...

Бобои модариям Некмаҳмади Бекмаҳмад (Неки Бек) ном доштааанду бозаргонӣ мекардаанд; шӯху ҳаззол будаанд. Он кас дар соли таваллуди ман аз олам даргузаштаанд. Аз эшон чанд ҳазор рубли русии “николайӣ” мерос мондааст, ки беҳин пояи давлату сарвати мананд.

Бибиям Ҳикмати Ҳоҷимурод як хоҳару як додар доштанд. Бонуе чобуку серҳаракат ва заҳматкарину меҳнатдӯст буданд; атрофиёнашонро сахт мегирифтанд, то серхобу пурхор набошанд; ҳикмати “то дар ор мурдана, дар кор мур!” шиори доимиву ҳамеша вирди забонашон буд; зиёд афсонаву абёту рубоиёти халқиро медонистанду бо лаҳни хосаи куҳистонии худ мехонданд.

- Волидонатон киҳо ва чикора буданд?

- Модарам зодаву парвардаи ҳамин хонадони хоксори деҳотӣ, нахустин духтари хона (Муқаддам) буданд. Бобову бибиям он касро хуш кардаву арӯси хонадони худ овардаанд. Худораҳматӣ 10 нафар фарзанд оламбин кардаву чаҳор нафарро аз даст доданд. Соли 1975 худашон ҳам ногаҳон аз олами фонӣ ба олами боқӣ рахти сафар барбастанд...

Падарам - Ҳоҷӣ Раҳмонқул Бобозода (1928-2007) одами заҳматписанду шарофатманде буданд; сифатҳое чун ростгӯйӣ, нотарсӣ, донишандӯзӣ, меҳмонпазирӣ, ғамхорӣ, хоксорӣ, хушлибосӣ, китобдӯстӣ, шикастанафсӣ, оиладӯстӣ, падару модардориашон дар хотирам нақши амиқе гузоштаанд.

Аввал мактаби миёна, баъдан курсҳои муаллимтайёркуниву ҳизбӣ, ахиран факултаи таъриху филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т. Г. Шевченкоро (ғойибона) итмом бахшида, умре соҳиби вазифаҳои масъули давлатию ҳизбию соҳаи маориф (директори мактаб, котиби ҷамоат, котиби созмони партиявии колхоз, инструктори шуъбаи агитатсия ва пропагандаи Кумитаи шаҳри Панҷакенти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон), депутати ноҳиявӣ буданд...

- Дар кадом мактаби миёна таҳсил кардаед?

- Дар мактабҳои миёнаи рақами 18 ба номи Абулқосим Лоҳутии зодгоҳам, рақами 3 ба номи Н. К. Крупскаяи шаҳри Панҷакент таҳсил карда, бо Номаи камоли мактаби миёнаи рақами 6 ба номи Абдусалом Деҳотии шаҳраки Колхозчиён озими Душанбеи нозанин гардидам.

- Аҳли хонадонатон, наздикону фарзандонатон...

- Шукри Худо, ҳама сиҳҳату саломатанд. Додарону хоҳаронам - Ҳуснинисо, Ҳабибулло, Мақсуда, Амирҷон одамони баркамол, соҳиби хонадони мустақиланд... Ҳамсарам (собиқ муаллима) машғули тарбияти наберагонанд. Писарам Хуршед - муҳандиси нақлиёт сокину корманди мерияи шаҳри Маскав (мақомоти архитектураву шаҳрсозӣ); духтарам Ёсуман - духтури занон; наберагонам - Аноҳито, Настаран, Фатҳовар, Гуляман, Фаридун пайи ҳам ба воя расидан доранд...

- Муаллимони нахустинатонро дар ёд доред?

- Албатта. Чӣ хел мешавад, ки нахустин устодони азизу ғамхореро чун Юсуфбек Султонов, Қайюм Каримов, Шамсиқул Боймуродов, Қаноат Холмирзоев, Худойбердӣ Ҳақбердиев, Абдурашид Ҳақдодов, Мирзояҳё Ҳайдаров, Наҷмиддин Баҳриддинов, Бӯрӣ Исматов, ки муаллимони номдору пешқадами ноҳия ҳам буданд, дар хотир надоштаву миннатдор аз онҳо набошам?!

Ҳаққи устод аз падар
беш аст,
В-аз падар устод дар
пеш аст!

- Дар кадом мактаби олӣ таҳсили илм доштед?

- Бахтам омад карду шогирдии факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин насибам гардид. Баъдан соҳиби дипломи Университети марксизм-ленинизми назди Кумитаи Душанбеи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон шудам...

- Мутмаинам, ки устодони донишгоҳиятонро фаромӯш накардаед...

- Сабақ аз устодони бузургворе чун Шарифчон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Додоҷон Тоҷиев, Соҳиб Табаров, Мукаррама Қосимова, Субҳон Амирқулов, Худоӣ Шарифов, Саъдоншоҳ Имронов, Баҳриддин Камолиддинов, Асадулло Сӯфизода, Султон Воҳидов ва дигарон бардоштан сарвати бебаҳоест, ки одамро умре сарафрозу давлатманд медорад. Алҳақ,

Агар дар ҷаҳон
набвад омӯзгор,
Шавад тира аз
бехирад рӯзгор!

- Аввалин устодонатон дар самти ховаршиносӣ киҳо буданд?

- Соли хатми факултаи овозадори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин маро барои идомаи таҳсил даъват ба Институти шуҳратёри шарқшиносии Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон карданд. Аз имтиҳони шифоҳии шодравон Абдулғанӣ Мирзоев (ҳамонвақта директори институт), мудири шуъбаи матншиносӣ ва нашри осори бадеӣ Аълохон Афсаҳзод гузаштам. Дар мактаби қавибунёди илмӣ-эҷодии донишмандони номие чун Муҳаммад Осимӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Баҳром Сирус, Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Абдуллочон Ғаффоров, Аълохон Афсаҳзод, Амрияздон Алимардонов, Абӯбакр Зуҳириддинов, Дӯстмурод Саидмуродов, Ҷӯрабек Назриев ва чанде дигар касби камол кардам.

- Дар ибтидои фаъолияти илмиатон бештар машғули кадом корҳо будед?

- Бидуни таъхире вориди корҳои шуъбаву пажуҳишгоҳ шудаму дар муҳокима ва барои чоп омодаву пешкаш намудани корҳои тайёр ва нақшавие чун тазкираи панҷчилдаи “Гулшани адаб” (Душанбе: “Ирфон”, 1975-1980), баъдан “Осор”-и ҳаштҷилдаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (Душанбе: “Ирфон”, 1986-1989) ҳатталимкон ширкат варзидам, сабақҳои кориву даркорӣ бардоштам...

Оҳиста-оҳиста, мустақилонаву дастҷамъона мунтахаби осори суханварони бузургу номие чун Устод Рӯдакӣ, Умари Хайём, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Фаттоҳии Нишопурӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Сайидои Насафӣ, Имлои Бухоройӣ, Шамсиддини Шоҳин, Туғрали Аҳрориро дастраси умум гардонидам.

- Муддате дар хориҷи кишвар ҳам будед...

- Бале, аз ибтидои соли 1980 то июни соли 1982 афсари Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон будам. Сазовори чандин ордену медали ҷангӣ шудам. Ба узвияти КПСС пазируфтандам... Ин давраи ҳассоси таърихӣ-сиёсӣ, бидуни шубҳа чашми маро ба бисёр қазияву ҳодисаву равзанаҳо кушод, мактаби бузурги худогоҳӣ ва ҷаҳоншиносӣ гардид, ояндаи маро равшану муваффақ гардонид...

- Солҳои бесарусомонӣ дар кишвар чӣ ҳол доштану саргармии чӣ корҳое буданатонро хуб медонам, аммо “сухан аз даҳони Лукмон хуш аст...”.

- “Солҳои нобасомонӣ”, чунон ки воқифи ҳолед, монанди ҳамаи ватану сомонгумкардагони дигар, сарсону саргардон, овораи пайдо кардани бурдаи ноне будем. Аммо, тифоқо, бахтам дигарбора омад карду маро ба кори ҳизбӣ даъват карданд. Ба ин васила соҳиби бурдаи ноне шудем...

- Ба ҳамаи мушкиливу маҳдудиятҳо нигоҳ накарда, пайваста умури омӯзишу пажуҳишатонро давому ривоҷ медодед...

- Бале, бидуни муболиға, меҳру муҳаббати сӯзонам ба адабиёт (каломи бадеъ) аз балоҳои баде нигоҳам дошт: рӯзона дар кучое, ки набошам, шабона ҳатман сари мизи корӣ менишастаму чизе мехондам ё менавиштам.

(Давомаш дар саҳ. 14)

РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

Аз рукуд то ислоҳот



Инак, 10 сол мешавад, ки Рустами Эмомалӣ футболи тоҷикро роҳбарӣ дорад. Дар ин давра футболи ватанӣ ба чӣ тағйиру таҳаввулот рӯ ба рӯ гашт, ба чӣ муваффақиятҳо даст ёфт ва имрӯз чӣ вазъ дорад?

Сайри мухтасаре ба таърих

Айни замон футболи Тоҷикистон давраи пурталотумеро аз сар гузаронида, дар марҳилаи дигаргуниҳои куллӣ қарор дорад. Ислоҳоти системаи комили футбол, чӣ дар ташкили тамоми кори федератсия ва чӣ дар бобати ба талаботи замон мувофиқ гардондани зерсохтори он, давом дорад. Ҳамаи ин ба шарофати дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қабули барномаҳои давлатии рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардид.

Барои ба таври аёнӣ нишон додани ин таҳаввулот, биёед аввал ба таърихи мухтасари ФФТ дар солҳои истиқлол назар мекунем.

Пас аз ба даст овардани истиқлоли кишвар, Федератсияи футболи Тоҷикистон 25-уми декабри соли 1991 ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии «Федератсияи футболи Тоҷикистон» дубора эҳё гардонида шуд. Соли 1994 бошад, ба сифати намояндаи давлати мустақил ба узвияти Федератсияи байналмилалии футбол (ФИФА) ва Конфедератсияи футболи Осиё (КФО) пазируфта шуд. Дар даҳсолаи аввал (1992-2001) ФФТ давраи душвори ташаккулро аз сар гузаронд. Ташкили чемпионати дохилӣ низоми мураттаб надошт, вале касбияти бозигарон баландтар буд, зеро ҳамаи онҳо шогирдони мактаби футболи давраи шӯравӣ буданд. Аз ин рӯ, дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар мусобиқоти интихобии қаҳрамонии ҷаҳон ва Осиё рақобатпазиртар буд ва имкон дошт, ки ба марҳилаи ниҳоии ин мусобиқаҳо роҳ ёбад, аммо бо сабабҳои гуногун ин имкониятҳо аз даст раҳо шуданд.

Дар даҳаи дуюм (2002-2011) футболи тоҷик мувоҷеҳи камбудӣ ва нуқсони солҳои 90-ум гардид. Ин аз он сабаб буд, ки футболи кӯдакону наврасон мисли дигар ҷузъҳои муҳими футболи муосир: зерсохтор, омодасозии менеҷмент, омодасозии мураббиёну доварон аз таваҷҷуҳ дур монд.

Дар даҳсолаи дуюм кӯшиши аз нав эҳё гардонидани футболи мо ба амал омад. Шумораи мусобиқаҳо байни дастаҳои футболи кӯдакону наврасон зиёд шуд. Дастаи мунтахаби наврсони Тоҷикистон барои аввалин бор ба қаҳрамонии ҷаҳон байни наврасон роҳ ёфт, ки ин рӯйдоди бузурги таърихӣ буд. Аммо, сарфи назар аз ин ҳама муваффақиятҳо, ташкили футбол роҳбарии касбӣ ва мушаххасро талаб мекард, зеро футболи тоҷик аз талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ хеле ва хеле ақиб монда буд.

Вақте соли 2012 Рустами Эмомалӣ ба ҳайси роҳбари соҳа интихоб гардид, футболи тоҷик дар ҳолати буҳронӣ қарор дошт. Тамоми ҷомеаи футбол дарк карда буд, ки барои аз ин рукуд баромадан, ислоҳоти мушаххас лозим аст, аммо касе намедонист, ки чӣ тавр ин корро анҷом диҳад ва як шахси қавиродае лозим буд, ки футболро сарварӣ кунад ва ислоҳотро оғоз намояд. Аз ин рӯ, вақте Рустами Эмомалӣ ба мақоми роҳбари Федератсияи футболи Тоҷикистон интихоб шуд, бештари коршиносон ва ҳаводорони футбол ин интихобро бо ризоият пазируфтанд.

Азнавсозии футболи тоҷик

Даҳсолаи нави (2012-2022) таърихи футболи тоҷик навгониҳои зиёди хушбинкунандаро ба бор овард. Ислоҳоти футболи тоҷик дар солҳои охир нишон медиҳад, ки футболи ватанӣ дар як муддати кӯтоҳ дигаргуниҳои равшану намоёнро паси сар карда, ба марҳилаи нави рушд ворид шудааст. Бо ибтикори бевоситаи раиси ФФТ дар кишвар садҳо барномаву нақшаҳои ҷолиб барои рушду бехбуди футбол амалӣ гардонида шуданд.

Сохтмони майдонҳои футбол ва варзишгоҳҳои мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ оғоз гардид. Лигаҳои мувофиқи футболи Тоҷикистон таъсис ёфта, мактаби доварони ҷавон ба фаъолият шуруъ кард. Бошгоҳҳои футболи ватанӣ дар раддабандии AFC (Конфедератсияи футболи Осиё) ба натиҷаҳои назаррас нойил шуданд.

Командаи ҷавони Рустами Эмомалӣ сохтори менеҷменти футболро ба куллӣ тағйир дода, ба меъёрҳои муосир мутобиқ намуд. Дар як муддати кӯтоҳ шуъбаю кумитаҳои зарурӣ ташкил ёфта, ба онҳо мураббиёну мутахассисон ҷалб шуданд. Барои баланд бардоштани савияи касбии тамоми мутахассисони соҳа, аз ҷумла доварон, мураббиён, маъмурон, маркетологҳо курсу семинарҳои зиёди байналмилаливу дохилӣ ташкил карда шуданд. Ин чорабиниҳоро дастурдиҳандагони ботаҷрибаи ФИФА ва AFC роҳбарӣ намуданд.

Ба шарофати раванди дурусти рушди ҳамаҷонибаи футболи тоҷик, дар ҷумҳурӣ теъдоди мураббиёни дорои иҷозатномаи дараҷаи «Про» афзоиш ёфт ва дар назар аст, ки ба зудӣ дар дохили худи Тоҷикистон имконияти омӯзиш ва соҳиб шудан ба ин муҷаввиз дастрас мешавад.

Ба тарбияи доварон ва нозирону комиссарони бозиҳо низ таваҷҷуҳи калон дода мешавад. Имрӯз аксари аъзои ҳайати доварони ФФТ доварони ФИФА мебошанд ва дар майдонҳои тамоми қитъа бозиҳои сатҳи байналмилалиро хизматрасонӣ мекунанд.

Имрӯзҳо комиссарони футболи Тоҷикистонро барои идораи раванди баргузории бозиҳои муҳими байналмилалӣ даъват мекунанд. Соли дуюм аст, ки пизишкони Раёсати тиббии ФФТ дар бозиҳои таҳти сарпарастии Конфедератсияи футболи Осиё ба ҳайси афсари тиббӣ таъин мешаванд. Аммо то соли 2012 инро ҳатто орзу кардан мумкин набуд.

Баъди ба вазифаи президенти ФФТ интихоб шудани Рустами Эмомалӣ тамоми низоми футболи ватанӣ симои нав гирифт. Низомномаву барномаҳои нав роҳандозӣ гардида, чиҳати татбиқи бечунучарои онҳо чорабиниҳои қатъӣ андешида шуданд. Дар тамоми соҳаи футбол тартибу низом ҷорӣ карда шуд.

Ба инкишофи футболи занона диққати махсус дода мешавад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ лигаи футболи бонувон низ амал мекунад.

Дар солҳои роҳбарии Рустами Эмомалӣ дар футболи тоҷик сомонаи расмии ФФТ ба фаъолият оғоз намуд, шабакаҳои телевизионии ТВ «Варзиш» ва ТВ «Футбол» таъсис ёфтанд. Ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма тақвият ёфт.

Дар ин давра ба фаъолияти Федератсияҳои минтақавӣ низ таваҷҷуҳи лозима изҳор карда шуд, зеро, бе мавҷудияти ин ниҳодҳои зертобеи Федератсия бозии футболро дар минтақаҳо рушду инкишоф бахшидан ғайриимкон буд.

Кӯдакон дар маркази таваҷҷуҳ

Раҳбарияти нави ФФТ аз рӯзҳои аввали фаъолияташ тамоми низоми футболи наврасонро тағйир дод. Пеш аз ҳама, низоми муътадили мусобиқаҳо ба вуҷуд оварда шуд, Лигаи кӯдакону наврасон созмон дода шуд, мактабҳо ва академияҳо ба фаъолият шуруъ карданд. Ҳоло қариб ҳамаи дастаҳои касбии футболи кишвар аз рӯи синну солашон гурӯҳҳои пурраи кӯдакона доранд. Лигаи футболи кӯдакону наврасони Тоҷикистон ҷоизаи "Беҳтарин лигаи наврасони Осиё дар соли 2019"-ро соҳиб шуд.

Барои мукаммалгардонии низоми футболи кӯдакону наврасон, ФФТ бо Федератсияи Байналмилалии Ассотсиатсияҳои Футбол (FIFA) ҳамкории зичро роҳандозӣ намуд.

Дар яке аз ҳамоишҳо FIFA қайд кард, ки ФФТ нахустин Ассотсиатсияи миллие шуд, ки ҷиҳати амалисозии барномаи «Forward» бо вай шартномаи ҳамкорӣ ба тасвиб расид.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур Федератсияи футболи Тоҷикистон ба бошгоҳҳо дар шакли дастгирии молиявӣ, таъмини варзишгоҳҳо бо таҷҳизоти зарурӣ, пардохти ҳақи хизмати доварон, нозирон ва комиссароне, ки бозиҳои Лигаи футболи Тоҷикистон ва дигар мусобиқаҳои дохилиро хизматрасонӣ мекунанд, кумак мерасонад.

Дар бораи чунин амалҳо пештар фақат орзу мекардем. То соли 2012 дар қаҳрамониҳои Тоҷикистон даҳҳо даста пайдо шуда, замоне дурахшиданд ва аммо бо сабабҳои мушкилоти молиявӣ нопадид шуданд. Айни ҳол қариб ки тамоми дастаҳо худро устувор ҳис мекунанд ва бо боварӣ ба фардо назар доранд. Ҳар яке аз онҳо аз ҷониби ФФТ бо сарулибоси ройгон ва микроавтобусҳо таъмин шудаанд. Ба ғайр аз ин, дастаҳои Лигаи олии кишвар тибқи натиҷаи баромадашон дар мусобиқаҳо бо маблағҳои пулӣ мукофотонида мешаванд. Пештар ин дастгириҳо вучуд надоштанд.

Лоиҳаи дуюме, ки Федератсияи футболи Тоҷикистон бо дастгирии барномаи «Forward»-и FIFA роҳандозӣ менамояд, ин дастгирии молиявии футболи кӯдакону наврасон дар Тоҷикистон мебошад. Лоиҳаи Лигаи футболи кӯдакону наврасони Тоҷикистон яке аз беҳтарин лоиҳаҳо дар Қораи Осиё маҳсуб меёбад.

Лоиҳаи дигари барномаи «Forward» - ин маблағгузории курсҳои таълимӣ мебошад. Дар ин давраи ҳисоботӣ садҳо курсу семинарҳои мухталиф оид ба маълумоти мураббигӣ барои ҷӯяндагони иҷозатномаҳои дараҷаи "С", "В" ва "А", курсҳои фитнесӣ, оид ба футзал, футболи бонувон, мураббиёни дарвозабонҳо ва инчунин дигар семинарҳои рушди футбол ташкилу баргузор гардонида шуданд. Ҳамаи ин чорабиниҳо барои иштирокчиён ба таври ройгон ташкил карда мешаванд. Дар ин давра, инчунин ба самти футболи оммавӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Лоиҳаи "Футбол ба назди шумо меояд" қалби ҳазорон футболбози наврас ва волидайни онҳоро тасхир сохт.

Дастовардҳои байналмилалӣ

Ҳамагӣ чанд рӯз пештар тими миллии Тоҷикистон дар мусобиқаи 48-уми байналмилалии "Ҷоми Шоҳ-2022" («King's Cup 2022») дар Тайланд иштирок намуда, бо пирӯзӣ ба ватан баргашт. Тоҷикистон дар ин мусобиқаи бонуфузи байналмилалӣ бар тими миллии Тринидад ва Тобаго, ки соли 2006 иштирокчии Ҷоми ҷаҳонии футбол буд ва тими миллии Малайзия ғалабаи таърихиро ба даст овард.

Замоне буд, ки КФО бошгоҳҳои футболи Тоҷикистонро муфлис ҳисобида, танҳо як дастаи кишварро иҷоза дода буд, ки дар мусобиқаи аз лиҳози дараҷабандӣ сеюми КФО - "Ҷоми президенти КФО" бозӣ кунад. Инчунин, мунтахаби миллии Тоҷикистон низ танҳо ҳақи иштирок дар мусобиқа барои тимҳои миллии кишварҳои рӯ ба рушд - "Ҷоми даъват"-и КФО-ро дошту халос.

Баъди соли 2012 мунтахаби Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии се қаҳрамонии ҷаҳон ва се Ҷоми Осиё ширкат кард. Бар асоси натоиҷи марҳилаи интихобии мусобиқоти Ҷоми Осиё-2023, мунтахаби Тоҷикистон бори аввал ба даври ниҳоии мусобиқот роҳ ёфт, ки бешак як муваффақияти бузурги футболи ватанист.

ВА ФУТБОЛИ ТОҶИК

дар 10 соли роҳбарии ӯ

Дар соли 2022 мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон барои аввалин бор дар марҳилаи ниҳоии қаҳрамонии Осиё (U-23) ширкат кард. Яке аз омилҳои аслии муваффақият дар марҳилаи интихобии ин мусобиқот дар Душанбе баргузор шудани марҳилаи гуруҳии он дар соли 2021 буд. Ба ин гуруҳ дастаҳои Эрон, Лубнон ва Непал низ шомил буданд. Аммо КФО Тоҷикистонро бартарӣ дода, баргузории мусобиқоти мутамаркази интихобии гуруҳи "В"-ро ба кишвари мо бовар намуд. Дар натиҷа, мунтахаби Тоҷикистон мақоми дувумро касб карда, бори аввал ба марҳилаи ниҳоии чемпионати Осиё, ки дар кишвари ҳамсояи Ӯзбекистон баргузор шуд, роҳ ёфт.



Мунтахаби ҷавонони то 19-солаи Тоҷикистон дар чемпионатҳои Осиё дар соли 2016 ва 2018 то марҳилаи 1/4 ниҳоӣ баромад. Дастаи мунтахаби наврасони то 17-солаи Тоҷикистон дар чемпионати Осиё дар соли 2018 ба бозии ниҳоӣ роҳ ёфта, соҳиби медалҳои нукра, мақоми дуюм ва роҳхат ба Ҷоми ҷаҳон-2019 ба Бразилия шуд.

Қобили қайд аст, ки айни замон бо мақсади омодагии ҳамаҷонибаи дастаҳои мунтахаб ва бошгоҳҳои футболи кишвар ба бозиҳои расмии байналмилалӣ дар дараи зебоманзари Варзоб Маркази техникии Федератсияи футболи Тоҷикистон сохта шуда истодааст, ки яке аз бузургтарин марказҳои техникӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар футболи бошгоҳӣ "Истиқлол"-и Душанбе дар Ҷоми Конфедератсияи футболи Осиё, ки аз лиҳози дараҷабандӣ дувумин мусобиқаи бошгоҳӣ дар қораи Осиё мебошад, бомуваффақият баромад намуда, ду маротиба - солҳои 2015 ва 2017 ба бозиҳои ниҳоии он роҳ ёфт. Қобили зикр аст, ки ҳарду бозии финалӣ дар Тоҷикистон, дар варзишгоҳҳои пур аз мухлисон ва дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор гаштанд. Конфедератсияи футболи Осиё барои дар сатҳи баланд ташкил кардани ин мусобиқаҳо чандин маротиба ба унвони президенти ФФТ сипосномаҳои расмӣ ирсол намудаст. Шуруъ аз соли 2019 чемпиони феълии Тоҷикистон, бошгоҳи футболи "Истиқлол"-и Душанбе дар Лигаи қаҳрамонҳои КФО, ки бонуфузтарин мусобиқаи даставӣ дар қораи Осиё мебошад, иштирок мекунад. Дар мавсими соли 2021 "Истиқлол" барои аввалин маротиба дар таърихи фаъолияти худ дар марҳилаи гуруҳии Лигаи қаҳрамонҳои КФО иштирок кард. Дар соли нахустини баромадаш дастаи футболи пойтахт дар гуруҳ мақоми аввалро ишғол намуда, то марҳилаи 1/8 ниҳоии мусобиқа расид. Бо шарофати баромади муваффақонаи "Истиқлол", мақоми Тоҷикистон дар раддабандии бошгоҳии КФО боло рафта, кишвари мо ҳуқуқ пайдо намуд, ки се дастаи он дар мусобиқаҳои бошгоҳии Конфедератсия иштирок намоянд. Дар натиҷа қаҳрамони Тоҷикистон ҳуқуқи иштирок дар Лигаи қаҳрамонҳои Осиё ва ду намояндаи дигари футболи кишвар ҳақи ширкат дар Ҷоми Конфедератсияро соҳиб шуданд. Ёдрас мешавем, ки солҳои 2021 ва 2022 Тоҷикистон макони баргузории ду марҳилаи интихобии Ҷоми КФО интихоб шуд. Тӯли 10 сол футболи тоҷик таҳти раҳбарии Рустами Эмомалӣ дар арсаи байналмилалӣ эътибори баланд пайдо намуд. Далели ин гуфтаҳо ин аст, ки як раҳбари ҷавони тоҷик ба мақоми президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ - CAFA (Central Asian Football Association) интихоб шуд. Ин рӯйдод дар соли 2019 дар шаҳри Душанбе дар Конгресси навбатии CAFA, ки Федератсияҳои футболи шаш кишвар - Афғонистон, Эрон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро муттаҳид мекунад, ба амал омад. Пас аз интихоби раҳбарияти нави Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ ситоди ин созмон аз Тошканд ба Душанбе кӯчид.

Тоҷикистон - макони баргузории мусобиқаҳои байналмилалӣ

Вобаста ба рушду инкишофи футбол дар кишвар, интихоби роҳи дурусти пешрафти Федератсияи миллӣ, Тоҷикистон ба яке аз марказҳои футболи минтақавӣ табдил ёфтаст. Бесабаб нест, ки қароргоҳи Федератсияи футболи Осиёи Марказӣ - CAFA - дар Душанбе ҷойгир буда, худи ин созмонро президенти ФФТ Рустами Эмомалӣ раҳбарӣ мекунад. Имрӯз ӯ ба яке аз чеҳраҳои калидии КФО табдил ёфтааст, ки андешааш аллакай дар арсаи футболи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дорад. Ва агар мушоҳида карда бошед, дар майдонҳои Тоҷикистон мусобиқаҳои гуногуни байналмилалии Созмони футболи Осиёи Марказӣ ва Конфедератсияи футболи Осиё, аз ҷумла байни дастаҳои наврасону ҷавонон, дастаҳои футболи занона, мусобиқаҳои футзал бо ширкати дастаҳо на танҳо аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки аз тамоми кишварҳои Қораи Осиё беш аз пеш баргузор мешаванд. Ин аз эътирофи мо ҳамчун кишвари футболӣ шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, дар баргузории чунин мусобиқаҳо омилҳои сиёсӣ низ вуҷуд доранд. Ба чунин мусобиқаҳо танҳо он кишварҳоеро бовар мекунанд, ки дар онҳо суботу оромӣ, амнияту осудагӣ, тартибу низом ва инфрасохтори мувофиқ вуҷуд дорад.





Айни замон Конфедератсияи футболи Осиё дар чор варзишгоҳи Тоҷикистон - варзишгоҳи "20-солагии Истиқлол"-и шаҳри Хуҷанд, варзишгоҳҳои марказии шаҳрҳои Душанбе ва Ҳисор, инчунин варзишгоҳи "ТАЛКО-АРЕНА"-и шаҳри Турсунзода гузаронидани мусобиқаҳои сатҳи байналмилалиро иҷозат додааст. Зимнан, дар шаҳру ноҳияҳои кишвар даҳҳо варзишгоҳҳои дигаре амал мекунанд, ки дар ҳолати бозсозии зарурӣ соҳиби иҷозатномаи баргузории мусобиқаҳои байналмилалӣ ҳоҳанд шуд. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар пайи иҷрои бевоситаи Барномаҳои давлатии рушди футбол дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ба тасвиб расидаанд, дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат бештар аз 200 майдону майдончаҳои футболбозӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд. Маҳз аз ҷониби Федератсияи футболи Тоҷикистон бо роҳбарии бевоситаи Президенти Федератсия, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ бештар аз 30 майдончаи хурди футболбозии ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ сохта шудааст, ки имрӯз онҳо макони дӯстдоштаи наврасону ҷавонон мебошанд. Айни замон дар пойтахти Тоҷикистон сохтмони варзишгоҳи дорои 30 ҳазор ҷои нишаст идома дорад. Варзишгоҳи мазкур барои баргузории мусобиқаҳои бонуфузи сатҳи байналмилалӣ пешбинӣ шудаст. То имрӯз дар Тоҷикистон аз ҷониби Созмони футболи Осиёи Марказӣ 13 мусобиқаи байналмилалии дар баландтарин сатҳ ташкилу баргузор карда шудааст. Бозиҳои мусобиқаҳои марҳилаҳои интихобии чемпионатҳои наврасону ҷавонон, байни дастаҳои футболи занонаи Осиё ва Фестивалҳои футболи кӯдакон борҳо баргузор шудаанд. Ба иттилои дафтари матбуоти ФФТ, дар соли 2022 дар Тоҷикистон баргузории якчанд мусобиқаи дигари Созмони футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) дар назар аст. Қобили зикр аст, ки дастаҳои мунтахаби наврасони то 17-сола ва ҷавонони то 20-солаи Тоҷикистон марҳилаҳои интихобии чемпионати Осиёро бомуваффақият пушти сар карда, соҳиби роҳхат ба марҳилаи ниҳоии мусобиқаҳои мазкур гаштанд. Ба ин тартиб, ҳамаи се дастаи мунтахаби Тоҷикистон - наврасони 17-сола, ҷавонони 20-сола ва тими миллӣ соли оянда футболи моро дар бонуфузтарин мусобиқаи осиёӣ - Ҷоми Осиё намояндагӣ хоҳанд кард. Ин муваффақият барои бори аввал дар футболи Тоҷикистон мебошад.

«Дар футбол барои расидан ба натиҷа вақт лозим аст. Кори мо дар наздиктарин маврид самара хоҳад дод". Ин суханони роҳбари ФФТ дар дили миллионҳо мухлисони футболи ватанӣ шуълаи умеду орзуро бармеафрӯзад.

Роҳи дурусти рушди футболи Тоҷикистон

Тоҷикистон ба шарофати роҳи дурусти рушд дар футболи Осиё обрӯю эътибори калон пайдо кардааст. Имрӯз Тоҷикистонро аллакай ҳамчун як кишвари устувори футболӣ мешиносанд. Ҳоло барои ҳамаи роҳбарону мутахассисони футбол аз ҳама муҳим он аст, ки ҳамон суръати тараққиётеро, ки онро аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ Президенти Федератсия муайян кардааст, нигоҳ дорад. Новобаста ба ҳама дастовардҳо, дар мо мавзуҳои ҳалталаб ҳоло зиёданд.

Футбол танҳо бозӣ нест, ин пеш аз ҳама як мактаби хуби тарбияи ҷавонон, бедор кардани ҳисси ватандӯстиву ифтихори миллӣ, имкони пайдо кардани мавқеи худ дар зиндагӣ, яъне лоиҳаи бузурги иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва иқтисодӣ мебошад. Мо бояд онро бо тамоми қувва ва восита дастгирӣ кунем.

Рустам ҲАКИМОВ,
роҳбари дафтари матбуоти КФ «Истиқлол»-и Душанбе

Абдураҳмони Ҷомӣ:

АЗ ИҶРОИШИ НАҚША ТО ДАСТОВАРДҲО

Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон сохтмони беш аз 200 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Аллакай давоми соли равон 30 иншооти ҷашнӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки ба ин васила садҳо сокинони ноҳия бо ҷойи кор таъмин гардиданд.



Иҷроиши нақша - 100 фоиз

Дар нуҳ моҳи соли равон ба буҷети ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ беш аз 29 миллион сомонӣ ворид гардидааст, ки 100 фоизи нақшаро ташкил мекунад. Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ ба буҷети ноҳия зиёда аз 34 миллиону 500 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки ин ҳам 100 фоизи нақшаро дар бар мегирад. Ҳоло дар ноҳия 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо назардошти солҳои пешин амалӣ шуда, маблағи истифодашуда беш аз 7 миллион доллярро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 лоиҳа ба маблағи 500 ҳазор доллар мебошад.

Саноат ва энергетика

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба зиёда аз 120 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 32 миллиону 672 ҳазор сомонӣ ё худ 37,4 дарсад зиёд аст. Гардиши мол дар тамоми соҳаи савдо наздик ба 170 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 48 миллион сомонӣ ё ин ки 39,6 дарсад зиёд мебошад. Хизматрасонии пулакӣ ба 80 миллиону 837 ҳазор сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба нуҳ моҳи соли 2021-ум 8 миллиону 952 ҳазор сомонӣ ё худ 12,5 дарсад зиёд аст. Давоми сол дар ноҳия 7 корхонаю коргоҳи нави саноатӣ ва 30 иншооти таъиноти гуногуни хизматрасонӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ин ҳисоб 85 ҷойи корӣ нав таъсис ёфтааст. Инчунин, дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ 646 ҷойи корӣ нав ташкил карда шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 160 ҷойи корӣ зиёд мебошад.

Сохтмон ва меъморӣ

Ҳоло бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ корҳои сохтмонӣ дар биноҳои панҷошёнаи хизматчиёни давлатӣ ва Кохи фарҳанг идома доранд.

Масофаи умумии роҳҳои автомобилгард беш аз 227 километрро ташкил медиҳад. Барои таъмири роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта аз ҳисоби Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 147 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ



142 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Бо ин маблағ 59 километр роҳ аз таъмири ҷорӣ ва 0,3 км роҳ аз таъмири яклухт бароварда шудааст. Бо саҳми соҳибкорон ва мақомоти маҳаллӣ бо харҷи 1 миллиону 113 ҳазор сомонӣ дар ҷамоати шаҳраки Абдураҳмони Ҷомӣ 1 км роҳ сангфарш, дар ҷамоати деҳоти 50-солагии Тоҷикистон 1 пул ва 3 километр роҳи байни деҳа сангфарш, ҷамоати деҳоти Калинин ва ҷамоати деҳоти Иттифоқ 3 километр роҳ таъмири яклухт карда шудааст.

Рушди кишоварзӣ дар ноҳия

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба зиёда аз 724 миллиону 633 ҳазор сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 43 миллиону 583 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Кишоварзони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар майдони 16 ҳазору 861 гектар дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ зироат кишт намуданд. Аз ҷумла, 4 ҳазору 756 гектар ғалладона, 4 ҳазору 506 гектар гандум, 250 гектар ҷав, 252 гектар шолӣ, 250 гектар маккаи дон, 159 гектар лӯбиёгӣ, 660 гектар сабзавот, 8000 гектар пахта, 300 гектар полезӣ, 275 гектар картошка ва 2051 гектар зироати хӯроки чорворо ташкил медиҳад. Дар 9 моҳи соли 2022-ум 25 ҳазор 670 тонна ғалладонагиҳо бе ҷуворимакаи дон, 20 ҳазору 521 тонна сабзавот, 4 ҳазору 829 тонна картошка, 9 ҳазору 880 тонна полезӣ ва 3 ҳазору 350 тонна мевагӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбати соли гузашта зиёд аст. Ҳамчунин, дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ дар майдони 8 ҳазору 623 гектар кишти такрории зироати кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки 100 фоизи дурнамои кишти такрориро аташкил медиҳад.

Масъулин ва кишоварзон имкониятҳои ҷойдоштаи моҳипарвариро самаранок истифода карда, сол то сол соҳаи моҳипарварӣ рушд ёфта истодааст. Ҳоло шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 43 адад расонида шуда, нисбат ба соли гузашта 4 адад зиёд мебошад.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар 3 ҳазору 180 тоннаро ташкил мекунад, ки наздики 86 дарсади нақша аст.



Маориф ва илм

Ҳоло дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 64 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла 53 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 7 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 3 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 1 литсей ва 6 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият дошта, хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия 47 ҳазору 585 нафар, аз ҷумла 22 ҳазору 977 нафарро духтарон ташкил дода, ба онҳо 1 ҳазору 912 омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд. Ҳоло дар назди 8 муассисаи таълимӣ сохтмони 34 синфхонаи иловагии дигар барои 816 хонанда идома дорад. Дар 6 муассисаи томактабӣ 471 кӯдак дар 22 гуруҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, дар 9 муассисаи таълимӣ маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 9 гуруҳ ташкил карда шудааст.

Иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия дар озмунҳои олимпиадаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ бехтар гардида истодааст. Аз ҷумла, 5 нафар хонандагон соҳиби медал гардиданд, аз ҷумла 2 нафар ба медали тило, 2 нафар ба медали нуқра ва 1 нафар ба медали биринҷӣ мушарраф шуданд.



Раҳимзода Сафармуҳаммад Абдураҳмон, раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ

Тандурустӣ

Дар соҳаи тандурустии ноҳия 140 духтур, 570 корманди миёнаи тиб ва 404 корманди тиб фаъолият доранд. Беморхонаи марказӣ аз 10 шуъбаи ташхисӣ-табобатӣ иборат мебошад. Дар беморхонаи марказӣ шуъбаи қабул ва



ёрии таъҷилӣ, хунтаъминкунӣ, УЗИ, таҳлилгоҳи шабонарӯзии клиникӣ ва биокимиёвӣ фаъолият доранд. Давоми соли равон дар шуъбаҳои беморхонаи марказии ноҳия 5 ҳазору 668 нафар барои табобат гирифтан бистарӣ гардонида шудаанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 788 нафар кам ба қайд гирифта шудааст.

Ҷавонон ва варзиш

Дар ноҳия барои ҷалби ҷавонон ба варзиш ва таъмини солимии онҳо 12 майдончаи варзишӣ дар чанд соли охир сохта мавриди истифода қарор дода шудааст. Ҳоло беш аз 25 нафар ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманди ноҳия дар хориҷи кишвар аз ҳисоби давлат таҳсил дошта, дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ 5 ҳазору 43 нафар ҷавонон таҳсил доранд, ки аз ин шумора 2 ҳазору 380 нафарашон духтарон мебошанд.

Ҳамчунин, 130 нафар ҷавонони ноҳия тибқи квотаи Президентӣ дар мактабҳои олии кишвар таҳсил доранд.

Дар ҳамин давраи соли ҷорӣ боз 26 нафар ҷавонон ба мактабҳои олии кишвар тибқи квота дохил шудаанд, ки 13 нафари онҳо духтарон мебошанд.

Ҷавонони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ иштирок намуда, сазовори 13 медал гардидаанд. Аз ҷумла, дар 2 мусобиқаи байналмилалӣ 1 медали тило ва 1 медали биринҷӣ ба даст овардаанд. Онҳо 4 медали тило, 4 нуқра ва 3 медали биринҷӣ аз мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва 17 медал дар мусобиқаҳои вилоятӣ ба даст овардаанд, ки дар умум, 5 медали тило мебошад.

Имрӯз корҳои бунёдкорӣ ва созандагӣ дар қаламрави ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ вусъати тоза пайдо карда, умед аст, ки минбаъд ҳам дар тамоми соҳаҳои муҳими ин ноҳия шоҳиди муваффақиятҳои бештар мегардем.

Машраби АЛОВИДДИН

СОҲИБМАКТАБ

Дар ҳошияи 80 – солагии академик Саидмуҳаммад Одинаев

Бузургони мо мақому моҳияти илму донишро хеле возеҳу равшан ва ҳамаҷониба ситоиш намудаанд. Аз ҷумла, фармудаанд:

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

Ё ин ки, ”Илм сарватест поянда, чашмаест зоянда”.

Нишон додани моҳияту мақоми фаъолияти илмии олимон кори сахлу осон нест. Чунки натиҷаи корҳои илмӣ аксар вақт ноаён, ҳиснашаванда буда, метавонад дар фосилаи умри як насл ошкору пазируфта ва амалӣ нашавад. Аз ин рӯ, бисёр вақтҳо, тибқи меъёрҳои дар ҷомеа амалкунанда фаъолияти илмӣ беманфиату беҳуда ба назар мерасад.

Дар ҳикояте омадааст: ”Ҳакиме бо корвон мерафт. Сахроиеро дид, ки савори асп буда, дар як паллаи хӯрҷин кӯдакаш ва дар паллаи дигари он ҷави аспашро гузоштааст. Гуфт чаро кӯдакро ба хӯрҷин андохтӣ? Сахроӣ ҷавоб дод, ки дар акси ҳол хӯрҷин биафтад ва ҷав бирезад. Ҳаким гуфт, ки хуб набуд, агар ҷав ба ду паллаи хӯрҷин баробар андохтӣ ва кӯдакро ба пуштат гирифтӣ. Сахроӣ гуфт, ки ман он чӣ ба хотирам омад, онро кардам. Ту агар ин қадар донишманд бошӣ, чаро дар корвон пиёда меравӣ?”.

Мисоли дигари аз ҷиҳати вақту мавзуъ наздиктар. Рӯзе ба назди физикдони машҳури итолиёвӣ Энрико Ферми шиносаш даромада, мепурсад, ки ба чӣ корҳо машғулӣ? Ферми мегӯяд, ки ана, ошкор кардам, ки ҳангоми тақсимшавии атом (ҳаста) як миқдор энергия чудо мешавад. Шиносаш мепурсад, ки чӣ қадар? Ферми мегӯяд, ки агар ту як мижа занӣ, нисбат ба ин энергия 70000 маротиба зиёдтар энергия сарф мекунӣ. Шиносаш мегӯяд, ки барои ҳамин қадар энергияи ночиз 18 соли умратро сарф кардан зарур буд? Ферми ҷавоб медиҳад, ки ин ҳодиса аз назари илм ҷолиб аст ва эҳтимол баъди ягон 50-100 сол касе онро амалӣ ҳам истифода кунад. Баъди 50-100 сол не, баъд аз 4-5 сол Ферми худаш дар асоси ҳамин энергияи ночиз аввалин реактори атомиро сохт.

Илм дар ҳақиқат ноаён аст, лекин баъзе натиҷаҳои одитаринаш тамаддуни башариро дигар мекунанд (ҳамчун мисол аз физика - мошинҳои ҳароратӣ, индуксияи элекромагнитӣ ва дигар қонунҳои одӣ буда метавонанд).

Чуноне ки Абдуллои Заррир дар ҷавобаш ба масали Зебуниссо фармудааст:

Илм аст бараҳнарӯй, маҳсулаш зар аст,
Тан хонаи анкабут, дил болу пар аст,
Заҳр аст заҳмати илм, маъниш - шакар аст,
Ҳар пашша аз ӯ чашид, шери нар аст.

Дар таҳқиқотҳои илмии академик Саидмуҳаммад Одинаев (ва устод Адҳамов А. А. ҳам) таҳқиқи хосиятҳои акустикии моеҳою омӯзиши қонунияти паҳншавии мавҷҳои чандир дар онҳо мақоми махсус дорад. Сабаби асосии муҳимияти омӯзиши мавҷҳои садогӣ дар он аст, ки акустика яке аз усулҳои дастрасу қуллаи таҳқиқи ҳодисаҳои кинетикӣ, ҳодисаҳои ба ҳаракати ҳароратӣ ва таъсири мутақобилаи молекулаҳо вобастабуда аст. Маҳз тавассути ченкунии суръати паҳншавӣ ва коэффисиенти фурӯбурди мавҷҳои чандирии садогӣ, мавҷудияти коэффисиентҳои часпакӣ ва гармигузаронии дуюм, модулҳои динамикии чандирӣ ва хосиятҳои релаксатсионии моеъҳоро нисбатан осону дақиқ муайян намудан мумкин аст. Азбаски коэффисиентҳои динамикии интиқолу чандирӣ ва вақти релаксатсия, ки дар муайян кардани хосиятҳои акустикии моеъҳо нақши калон доранд ва дар корҳои илмии Адҳамов А. А., Одинав С. ва шогирдонашон тавассути назардошти сохтори моеъ ва механизми молекулавии ҳодисаҳо муайян карда мешаванд, имкон медиҳанд, ки на танҳо қонунияти паҳншавии мавҷҳои одии садогӣ (мавҷҳои қаддии садогӣ - продолные звуковые волны) таҳқиқ карда шавад, инчунин шартҳои мавҷудият ва паҳншавии мавҷҳои садогии кундаланг (сдвиговые поперечные волны) ва мавҷҳои ҳароратӣ нишон дода шаванд.



НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ОМӮЗГОРИИ АКАДЕМИК САИДМУҲАММАД ОДИНАЕВ ДАР ЗИЁДА АЗ 350 КИТОБУ ДАСТУР ВА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ ДАР НАШРИЯҲОИ ВАТАНИЮ ХОРИҶӢ НАШР ШУДА, ДАСТРАСИ ҶОМЕА ГАРДИДААНД.

Ҳолномаи зиндагии академик Саидмуҳаммад Одинаевро бе фаъолияти таълимию омӯзгориаш тасаввур кардан мушкул аст. Ӯ омӯзгори хушсалиқаи худодод аст. Дар тамоми зинаҳои таҳсилот, дар ҳар гуна гуруҳҳои таълимӣ пурра ба дарс дода шуда, самимона ва аз сидқи дил ба шунавандагонаш дарс мегӯяд. Ӯ дар оилаи омӯзгор таваллуд шуда, Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлобро хатм намуда, бо захираи муайяни донишу малакаҳои педагогӣ ба Университети давлатӣ дохил шуда, онҳоро сайқал дода, ҳамчун омӯзгори донишманд ба камол расидааст. Ин аст, ки ӯ пайваста ба фаъолияти омӯзгорӣ эҷодкорона муносибат намуда, шаклу усулҳои нову самараноки таълимро ёфта истифода намудааст. Дар баробари он, ки фаъолияти омӯзгории Саидмуҳаммад Одинаев тамоми зинаҳои таҳсилоти расмиро дар бар мегирад, иловатан дар таъсиси махфилҳои эҷодию мактабҳои мавсимӣ барои хонандагони болаёқат фаъолона иштирок намудааст. Солҳои 1971-1992 дар “Мактаби тобистонаи физикҳо, математикҳо ва химикҳои ҷавони Тоҷикистон”, ки бо ташаббуси устод М. С. Осимӣ дар назди Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон амал мекард, фаъолона иштирок намудааст. Солҳои 1975-1989 бошад, бо ташаббуси худи Саидмуҳаммад Одинаев дар назди Институти физикаю техникаи ба номи С. У. Умаров маҳфили “Физикони ҷавон”-и шаҳри Душанбе таъсис дода шуда, фаъолият кардааст. Таҳти роҳбарии С. Одинаев садҳо нафар ҷавонон лоиҳаҳои курсию дипломӣ омода намуда, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва берун аз он фаъолона меҳнат карда истодаанд. Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-омӯзгории Саидмуҳаммад Одинаев дар зиёда аз 350 китобу дастур ва мақолаҳои илмию методӣ дар нашрияҳои ватанию хориҷӣ нашр шуда, дастраси ҷомеа гардидаанд. Хизматҳои арзандаи Саидмуҳаммад Одинаев дар ин соҳа бо унвонҳои Аълочии маорифи Тоҷикистон (1975), дотсент (1984), профессор (1996), узви вобастаи АМИТ (2001), академики АМИТ (2008) эътироф карда шудаанд.

Фаъолияти илмӣ-ташкилӣ ва ҷамъиятии академик С. Одинаев низ хеле васеъ ва гуногунҷабҳа мебошад. Саидмуҳаммад Одинаев ҳангоми фаъолияташ дар вазифаҳои директори Институти физикаю техникаи ба номи С. У. Умарови АМИТ (1999 - 2001), раиси Шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, гелогия ва техникаи АМИТ (2010-2016), ноиб-президенти АМИТ (2010-2016) дар танзим ва рушди илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ, ки имрӯз яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа дониста шудааст, саҳми назарраси худро гузоштааст.

Дар рафти фаъолияташ ба ҳайси ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ (солҳои 2001-2005) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2005-2008) барои бартараф кардани оқибатҳои бесомониҳои солҳои бухронӣ ва ба низом даровардани раванди таълим дар мактабҳои олии касбӣ, барои ба талаботи иқтисодиёти ҷумҳурии соҳибистиқлол мувофиқ кунонидани омодакунии мутахассисон, барои бо меъёрҳои фазои таҳсилоти минтақавию ҷаҳонии таҳсилот наздик кунонидани мундариҷа ва сифати омодакунии мутахассисон саҳми босазои худро гузоштааст.

Дар давраи фаъолияташ ҳамчун узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2005-2010) дар самти амалӣ намудани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф, дар самти мутобиқ намудани омодакунии мутахассисон ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба талаботҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат талоши зиёд намудааст.

Саидмуҳаммад Одинаев дар тӯли фаъолияти кориаш яке аз тарғибкунандагони фаъоли дастовардҳои илму техникаи муосир дар байни омма, махсусан ҷавонон буд. Ӯ тавассути воҳӯриҳои бевосита, тавассути телевизиону радио ва дигар воситаҳои ахбори омма зарурати донистану истифода карда тавонистани илму технологияи муосир, махсусан илмҳои табиатшиносиро дар пешрафти фарҳанги техникӣ, дар рушди устувори мамлакат тарғиб менамуд.

Фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва ҷамъиятии академик С. Одинаев бо унвону мукофотҳои давлатӣ - ордени “Шараф” дараҷаи II (2004) ва Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (2019) қадр карда шудааст.

Фаъолияти илмии академик С. Одинаев на танҳо дар ҷумҳурӣ, инчунин берун аз он ҳам пазируфта шуда, мақоми худро ёфтааст. Ӯ аз соли 2001 то имрӯз узви Кумитаи илмии конфронсҳои байналмилалии «Физикаи ҳолати моеъ: прблемаҳои муосир» (PLM MP, Донишгоҳи давлатии Киев ба номи Т. Г. Шевченко, Украина), узви Шӯрои ректорони Донишгоҳҳои Авро-Осиё дар назди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов (с. 2005-2008) буда, аз соли1994 узви Академияи илмҳои Нью-Йорк, аз соли 2004 узви ҳақиқии Шуъбаи Тоҷикистонии Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ мебошад.

Академик С. Одинаев ва мактаби илмии ӯ дар авҷи фаъолияти илмию таълимӣ мебошанд. Дар мактаби илмии академик Саидмуҳаммад Одинаев С. 7 нафар рисолаи номзадӣ (Додарбеков А. Ш., Акдодов Д. М., Оджимамадов И. Т., Мирзоаминов Х., Мамадбеков Р. С., Идибегзода Ҳ. И., Зарипов А.) ва ду нафар (Комилов Қ., Акдодов Д. М.) рисолаи докторӣ ҳимоя намуда, чанд нафари дигар дар арафаи дифои рисолаҳои илмӣ ҳастанд.

Мо ба устоди гиромиқадр академик Саидмуҳаммад Одинаев синни мубораки 80-солагиашонро табрику муборакбод гуфта, ба устод тани сиҳат, умри дарози бобаракат, осудагии хонадонашонро орзу намуда, умеди онро дорем, ки устоду шогирдонашон солиёни зиёде бо дастовардҳои наву арзишманд дар рушди илму маориф ва ободиву пешрафти ватани азизамон саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Фарҳод РАҲИМӢ,
Анвар АБДУРАСУЛОВ,
Тағоймурод СОЛЕҲОВ

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Насби антенаи параболӣ + навсозии канал. Тел: 918-79-05-65, 93-440-93-03, 886-886-181.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 80/2, ҳуҷраи 45 ба номи Олимов Фурқат Эркинович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Тунис, хонаи 3, ҳуҷраи 62 ба номи Назриев Аврод Темурович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи муҳандисии омӯзгории шаҳри Душанбе соли 2020 ба Каримова Ҷамила Шарифхоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Раҳимов Парвиз Абдукаримович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон соли 2019 ба Маҳмудов Шаҳром Абдулмадудович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Худоёров Беҳруз Бегиҷонович, РЯМ: 3330072937, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01426986-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Рӯдакӣ 30.07 соли 2018 ба Сафолова Дилором Хуршедовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0072589-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Шоҳмансур соли 2006 ба Садриддинов Аҳлидин Назридинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2019 ба Абдулҳаев Абдуҷалил Маҳмадсаидович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0770830-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино соли таҳсили 2019-2020 ба Раҳматуллоева Миҷгона Машрафовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Хайдаров Абдурахим Асадхонович, РЯМ: 3330020825, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Хайдаров Нусратулло Асадхонович, РЯМ: 3330020852, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Абдуллоева Малика Рахматовна, РЯМ: 3330039644, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Мадаминов Сайфуло Бозорович, РЯМ: 3330055108, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми А Б № 0 3 2 6 3 3 - и гумшуда, ки онро муассисаи давлатии таълимии "Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ ба номи И. Хасанов" соли 1998 ба Саидов Парвиз Саидаҳмадович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А4041067, ки онро ШКД-1 дар ноҳияи Сино 30-юми майи соли 2006 ба Маҳмадов Саидбек додааст (санаи гум шудан 17.10 соли 2022, соати 14:30), беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Муқимов Алоҳуддин Муминович, РЯМ: 0130176879, РМА: 185425289, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур соли 2019 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи туҳфаи қисми хонаи истиқоматӣ бо реестри №1Ш-1426-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 23.04 соли 2007 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Ак-Курган, уч. Крупская ба Халимбаев Маруфҷон Турдыкулович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Созишнома оиди бекор кардани шартномаи ҳадяи қисми хонаи истиқоматӣ бо реестри №3ДШ-284-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 17-уми апрели соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Крупская 87а (собиқ ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Ак-Курган, уч. Крупская) байни Халимбаев Маруфҷон Турдыкулович ва Халимбаева Мутабар додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №846999-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе соли 1987 ба Юсупов Ҳошимҷон Абдураҳмонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳамкорӣ таҳти феҳрести 3 ДШ-1037-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 19.09 соли 2016 бо суроғаи кӯчаи Раҳимӣ, хонаи 11 ба Достиев Шокир Пирмуродович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти Л.2.1/сб таҳти феҳрести 8Ш-3795-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 19.10 соли 2017 бо суроғаи кӯчаи Лучоб, хонаи 2Б ба Соҳибназарова Гулзира Абдуразиқовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03508172-и гумшуда, ки онро ШВКД-и шаҳри Истаравшан 29.10 соли 2020 ба Таҳминаи Ҳасан додааст, беэътибор дониста шавад.

► Муҳри ҷамоати деҳоти "Зайнабобод"-и ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи Д 534628-и гумшуда, ки онро Коллеҷи техникии №1-и шаҳри Душанбе соли 1984 ба Хушқадамов Давлатқадам Неккадамович додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ ''Консалтинговая компания Ишеним", РМА 010101639 фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят муддати як моҳ қабул карда мешаванд.

Зодрӯз муборак!

Муалимаи азизи мо Ғаниева Назрибӣ, Шуморо бо ҷашни 70-солагиатон табрик мегӯем. Бигзор чӣ орзуи неке, ки дар дил доред, ҷомаи амал пӯшад.

Аз номи кормандони Раёсати таълим



JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization advocating for change and connecting countries to knowledge, experience and resources to help people build a better life. We are on the ground in 177 countries, working with them on their own solutions to global and national development challenges. UNDP has been on the ground in Tajikistan since 1994. UNDP's programme in the country consequently represents a broad spectrum of activities, including Poverty reduction; Good governance; Crisis prevention; Energy and environment and Reducing burden of HIV/AIDS, Malaria and Tuberculosis

Empowered lives. Resilient nations.

UNDP TAJIKISTAN IS SEEKING TO RECRUIT:

- Local consultant on Trade Promotion between Tajikistan, Afghanistan, and Uzbekistan Entrepreneurs/Местный консультант по продвижению торговли между предпринимателями Таджикистана, Афганистана и Узбекистана: IC National; Duty Station: Dushanbe, Tajikistan; Deadline: 3 November 2022);

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: **www.tj.undp.org > Operations>Job. Applications** without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment.
Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook:**http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554**

Тақвими моҳ



Ҳамал
21.03 - 20.04

Зодагони мучали ҳамалро лозим меояд, ки дар ҳафтаи нав сабру таҳаммул ва пуртоқатиро аз даст надиҳанд. Дар ин давра ба ҳолатҳои фишороваре дучор мегардед, ки бояд зудтар сари қарор биёед. Нафароне, ки мошин меронанд, дар рох эҳтиёт шуданашон лозим аст.



Савр
21.04 - 21.05

Дӯстии дерин ба муҳаббат табдил ёфта метавонад. Нафарони оиладор танҳо бо ҳамдигарфаҳмиву гузашт карда тавонистан зиндагиро ширин сохта метавонанд. Мутаассифона, муносибатҳоятон бо дӯстон чандон хуб ҷараён намегирад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аксари зодагони мучали ҷавзоро лозим меояд, ки дар ин ҳафта меҳнати зиёду сангин намоянд. Эҳтимол уҳдадориҳоятон зиёд мегардад, бо нигоҳубини баъзе наздикони беморатон машғул мешавед. Ҳафта барои хариди калон мусоид нест.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи муқаррарӣ аст, чизе боиси ташвишатон намегардад. Аз муошират бо кӯдакон ва шахси дӯстдошта табъатон болида мегардад. Дар ин давра аз ҳама гуна бемориҳои сироятӣ эҳтиёт шавед. Ба вазъи боду ҳаво нигоҳ карда, либос ба бар намоед.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта ба нафароне, ки бо бадӣ ном баровардаанд, пул қарз надиҳеду аз чунин нафарон қарз ҳам нагиред. Дар давоми ҳафта яке аз дӯстонатон дучори мушкиллии ҷиддӣ гашта, зуд-зуд ба шумо занг мезанад. Нафарони ошиқ аз ҳад зиёд бадрашку бадгумон мегарданд.



Сумбула
23.08 - 22.09

Зодагони мучали сунбула дар ин ҳафта аз ҳад зиёд асабиву хашмгин мешаванд. Қабл аз он, ки сари қарore меоед, ҷиҳатҳои мусбату манфии онро дар тарозуи ақл баркашидан лозим меояд. Ҳангоми рондани мошин ва кор бо таҷҳизоти барқӣ хеле эҳтиётkор бошед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафта барои рафъи мушкилоти молиявӣ созгор аст. Агар дар давоми ҳафта ба сафар баромаданӣ бошед, бо нақлиёт мушкилӣ сар мезанад. Даромади пулӣ ба даст меоред ё нафаре ба шумо пул медиҳад. Зимни робита бо атрофиён дар бораи ҳаёти шахсии худ маълумоти зиёд надиҳед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Агар дар мучали ақраб таваллуд ёфта бошед, ин ҳафтаро бо ғаму андӯҳи ошиқона дергоҳ фаромӯш карда наметавонед. Дар рафъ намудани мушкилоте, ки ба сари наздикону дӯстонатон меояд, кумак мерасонед. Маблағе, ки дар ин ҳафта интизор будед, бо таъхир ба даст меояд.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳангоми сарфи пул хушёриро аз даст надода, ба ваъдаву ахбороти носаҳеҳ гӯш надиҳед. Ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳои молиявӣ бо шартҳои он шинос шавед. Хабари ҳомиладоршавӣ ё таваллиди фарзанд табъатонро болида мегардонад. Муноқишаҳои ин ҳафта давомнок намешаванд.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Ҳодисаҳои ин ҳафта ба ҳаёти шахсӣ, муҳаббат ё бахти зодагони мучали ҷаддӣ таъсир мерасонанд. Акнун шумо имкон доред, ки дӯстдоштаи худро бо тухфа ба ваҷд биёред. Хабари нохуб гаштани вазъи саломатии яке аз хешовандон шуморо ба шигифт меорад.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта аз ҷое маблағи пулӣ ба даст меоред, ки тамоман интизор набудед. Шуморо лозим меояд, ки муноқишаи дар хонаи дӯстон ё ҳамсояатон сарзадаро ором намуда, маслиҳатчии хуб шавед. Ҳафта барои аз нафаре қарз пурсидану қарз додан созгор нест.



Ҳут
20.02 - 20.03

Муносибатҳои ошиқонаи шумо дар ин ҳафта сабабгори муноқиша бо нафаре мегардад, ки зидди интихоби шумо аст ё мақсади дигаре дар сар дорад. Агар шумо нақшаи сафар надошта бошед, вақти зиёди худро дар интернет мегузаронед.



АЗ ЗУКОМ ТО САРАТОН

Роҳҳои камхарҷи табобат аз Саидҷон Нодирӣ

Ба суроғаи саҳифаи “Канзи шифо”-и ҳафтаномаи “Тоҷикистон” суолҳои зиёде ворид мешаванд. Мо кӯшиш мекунем, ки бо ҷалби мутахассисон ба ҳамаи суолу дархости хонандагон посух бигӯем. Ин ҳафта ба чанд пурсиши хонандагон Саидҷон Нодирӣ, номзади илми тиб посух мегӯянд.

Карам - аҷали грипп

Фарзандонам дар фасли сармо зудзуд шамол кашида, бемор мешаванд. Мехоҳам донам, ки оё грипп ва шамолкаширо бо усулҳои халқӣ табобат карда мешавад ё не?

МАДИНА, шаҳри Турсунзода

ПОСУХ:

Албатта мешавад. Яке аз роҳҳои беҳтарини пешгирӣ намудани грипп ва шамолкашӣ ҳамарӯза карам хӯрдан аст. Карам беҳтарин даво бар зидди шамолкашист. Ҳар рӯз карамро намак карда, бо сабзӣ, пиёз ва кабудӣ истеъмол намоед, грипп шуморо нороҳат намесозад. Аз карам хӯришҳои гуногун тайёр карда, нӯши ҷон сохтан мумкин аст. Шумо метавонед карамро майда реза карда, намак кунеду аз болояш як себро аз турбтарошак гузаронед ва масза карда хӯред. Ин хӯриш хунро тоза карда, ба дил нерӯ мебахшад.

Саратон дар гӯшу бинӣ мешавад?

Мегӯянд, ки дар гӯш, бинӣ ва ҳатто дар гулӯ низ саратон пайдо шуда метавонад. Бемории саратонро сари вақт муайян ва табобат кардан мумкин аст?

БАДРИДДИН, ноҳияи Спитамен

ПОСУХ:

Дар ҳақиқат бемории саратон дар узвҳои лор ҳам дучор меояд. Барои ғадудҳои гулӯ ва холигии биниро зуд муайян намудан мумкин аст. Барои сари вақт муайян намудани варамҳои садопардаҳои гулӯ бемор бояд баробари гирифтани овозаш фавран ба мутахассис муроҷиат кунад. Одамони синнашон аз 50-сола болоро лозим аст, ки барои пешгирии чунин бемориҳо зуд-зуд аз муоинаи тиббӣ гузаранд.

Гулӯдард одамро ревматизм мекунад?

Зуд-зуд гирифтори дарди гулӯ мешавам. Шунидам, ки гулӯдард метавонад одамро ба ревматизм гирифтор намояд. Ин гапҳо ягон асос доранд? Барои пешгирии дарди гулӯ чӣ чораҳо андешам?

ФИРДАВС, шаҳри Ҳисор

ПОСУХ:

Шахсоне, ки зуд-зуд аз дарди гулӯ азият мекашанд, гирифтори бемории бардавоми варами ғадуди бодомшакли гулӯ (тонзиллит) буда, бояд дар шароити амбулаторӣ муолиҷа бигиранд. Барои бартараф намудани ин иллат ғадудҳои гулӯро шуста, муолиҷаҳои физиотерапия мегузаронанд. Бемориро сари вақт табобат накунед, дар ҳақиқат касро ба тарбод - ревматизм гирифтор карда метавонад.

Дифтерия кӯдакро мекушад?

Шунидам, ки хатарноктарин беморӣ барои кӯдак дифтерия ба шумор меравад. Мегӯянд, ки ин беморӣ кӯдакро мекушад. Метарсам, ки фарзанди ман низ ба ин касалӣ гирифтор нашавад. Мегуфтед, ки дифтерия чӣ гуна беморист ва чӣ нишонаҳою чӣ хатар дорад?

МАНЗУРА, ноҳияи Ашт

ПОСУХ:

Гулӯзиндонак (дифтерия) касалии сироятӣ буда, аз одами бемор ба шахси солим мегузарад. Маъмулан ин беморӣ бо таби баланди 39-40 аз худ дарак медиҳад. Нармии ғадудҳои гулӯ, пайдо шудани қабати сафед дар ком нишонаҳои ин беморӣ ҳастанд. Қабати сафед ба садопардаҳои гулӯ гузарад, гирифтани овоз эҳсос шуда, метавонад ба оқибатҳои бад оварда расонад. Барои ҳамин, сари вақт ба мутахассис муроҷиат кардан лозим аст.

Давои бемадорӣ чист?

Вақтҳои охир худро чунон беқуввату бемадор эҳсос мекунам, ки ҳатто бароварданипартов низ бароям душворӣ мекунад. Илтимос, ба ман маслиҳат диҳед, чӣ хӯрам, ки қуввату мадор бигирам?

СУРАЙЁ, шаҳри Истаравшан

ПОСУХ:

Рӯзе як қошуқча асал истеъмол намоед. Асал хеле хуштамъ ва дорои нерӯи зиёди тиббӣ буда, моддаҳои таркибаш зуд ба хун ҷабида мешаванд ва барои худро бардам эҳсос намудан ба шумо ёрӣ мерасонанд. Асал дорои витаминҳои ҳаётан муҳим буда, дил ва тораҳои асабро мустаҳкам менамояд.

ЗИНДАГӢ ДАР САДАФИ ХЕШ ГУҲАР СОХТАН АСТ...



(Аввалаш дар саҳ.7)

Шеъру тақризу китобиёт менавиштам, дар баробари осори классикон, асарҳое аз навиштаҷоти шоирони муосирамонро ҳам барои чоп омода мекардам, ки “Вақти он аст, эй қалам”-и Ҳабиб Юсуфӣ, “Ҷоми саршор”-и устод Лоиқ, “Тулӯъи сабзи шукуфтан”-и Беранги Куҳдоманӣ аз он шуморанд.

- Аз фаъолият дар истеҳсолот чӣ таҷрибаву баҳраҳо бардоштед?

- Анқариби 15 сол ёвари раиси Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи “Нафтрасон” ва Корхонаи воҳиди давлатии “Роҳи оҳани Тоҷикистон” Амонуллои Ҳукуматулло будам. Ҷиддият, ростқавлӣ, ватандӯстӣ, миллатпарастӣ, саховатмандӣ, дурандешӣ, заҳматқаринӣ, сабру таҳаммул, оиладӯстдорӣ, эҳтироми волидону наздикон, илму донишварзӣ ва дигар хислату сифатҳои ҳамидаи инсониву роҳбариро аз эшон омӯхтам.

- Яке аз шохаҳои муҳими фаъолиятатонро журналистика ташкил медиҳад...

- Бале, ман аз солҳои мактабӣ бо матбуот пайваста ҳамкорӣ доштам. Як муддат дар шуъбаи журналистикаи УДТ ба номи В. И. Ленин низ таҳсил кардам. Аммо шуҳрату овозаи курси “назмшиносӣ”-и домулло Ҳусейнзода чунон ҷазбам намуд, ки бидуни калавише шогирди шуъбаи филологияи тоҷик шудам.

Дертар бо мададу мусоядати бевоситаи дӯстонам Исомиддини Салоҳиддин ва Шарифи Ҳамдампур муддате вазифаҳои масъули сармуҳаррири Студияи телевизионии Душанбе - “Сомониён”, аввалин сармуҳаррири ҳафтаномаи “Минбар”/“Трибуна” - нашрияи Кумитаи шаҳри Душанбеи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, муҳаррири масъули ҳафтаномаи “Тоҷикистон”-ро бар уҳда доштам, ки сармояи маънавӣ ва моияи ифтихори мананд. Ҳақи узвияти Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистонро соҳиб гардиданам ҳам аз ҳамин ҷост...

- Шоир ҳам ҳастед. Айни муддао мебуд, агар сухане чанд перомуни шеъру шоирӣ баён медоштед...

- Аз хурдсолӣ шеъргунаҳое менависам, ки авомилаш муҳити созгори шеърхезу шеъррез, ашъори дастраси шуарои гуногун ва шояд, андаке истеъдоди фитрӣ мебошанд. Яке аз он шеъргунаҳоро, ки дар лавҳи хотирам боқӣ мондааст, шоҳид меорам:

Бо муҳаббат халқамон гӯяд чунин:
“Дашти Марғедар гулистон мешавад!”.
Дар миёни сабзаҳои махмалин
Акнун Асрорҷон ғазалхон мешавад!

Дар ин ҷода дасти маро устоди азизам Шариф Исматӣ, ки шоири мумтозанд, рост кардаанд. Аҳсан ба хидмату ҳимматашон!

Муттасил абётеро ба ҳам дармепайвандам, ки асосан дар васфу ситойиши Модару Ватан, Ваҳдату Истиқлол, Ишқу Сухан офарида шуда, намунаҳое аз онҳо дар матбуоти даврии Тоҷикистону Афғонистон, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ дастраси умум гардидаанд. Аммо ҳамҳамаву даъвои шоирӣ надорам. Сипосгузору шарафманд аз онам, ки ба ҳайси мунаққид узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонам...

- Ба бисёре аз адибони гузаштазамонамон арҷу эҳтиром гузоридантон аёну мантиқист, аммо аз адибони муосирамон киҳоро бештар меписандед?

- Аксари кулли адибони муосирамонро ҳам, аз Устод Айнӣ то Ато Мирҳоҷа, меписандаму осорашонро мехонаму баҳраҳо мебардорам, то қадри тавону имкон дар масоили умдаи рӯзгору осорашон андешаҳоямро рӯйи коғаз меоварам, ки далели дигари ҳамин эътиқоду эҳтиром аст...

- Дар соҳайи тарҷума ҳам иқдомеро ба сомон расонидаед...

- Бале, дар ин соҳа ҳам андак-мундак корҳоеро сомон додаам. Аз ҷумла, шеъру мақолаву достону романҳоеро аз офаридаҳои суханварону донишмандони номӣ, намунаҳоеро аз осори В. Ванчура, С. Есенин, Р. Ҳамзатов, Е. Евтушенко, А. А. Бертелс, Қ. Кулиев, Р. Бёрис, Н. Доризо, С. Островой, Р. Фарҳодӣ, В. Воскобойников, Р. Киффер, А. Я. Аросев, А. Салим, Ӯ. Ҷамол ва дигарон ба тоҷикӣ гардонидаам, ки дар матбуоту нашриёт интишор ёфтаанд. Иддае аз навиштаҳоям дар матбуоти Эрону Афғонистону Ӯзбекистон мунташир ва ба забонҳои русиву ӯзбекӣ тарҷума шудаанд.

- Алҳол машғули чӣ корҳоед?

- Дар Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ (директораш олими ҷавони соҳа Раҳматкарим Давлатзода), ки даргоҳи муқаддаси илму дониш асту дар ҳамин ҷо ба воя расидаам, машғули умури матншиносиям. Дар давоми солҳои 2017-2022 ҳамроҳи ҳамкоронам осори чанде аз бузургони адабиётамонро дар дастраси умум гузоридем, ки ҳам ҷавоби хоксоронае ба фармудаҳои Ҷаноби Олӣ, Сарвари оқили давлату миллатамон Эмомалӣ Раҳмонанду ҳам туҳфаи сазоворе ба ҷашни 30-солагии истиқлоламон...

- Дар фароварди суҳбат мехоҳам байтеро қироат кунед, ки шиоратон дар зиндагӣ бошад...

- Байти зерини Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, ки вирди забони ҳамагону раҳнамойи асилзодагон аст, шиори зиндагии банда ҳам мебошад:

Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,
Дар дили шуъла фурӯ рафтану нагдохтан аст!

АЗ ИДОРА: *Ҳайати мушовара ва аҳли қалами “Тоҷикистон” собиқ муҳаррири масъули ҳафтанома Асрори Раҳмонфари Сомониро ба муносибати мавлуди 70-солагӣ табрик гуфта, бароятон саломатӣ, умри дароз ва илҳоми саршорро орзуманд ҳастанд.*

АТЛАСИ ЛАВҲУ ҚАЛАМ

Дар ҳошияи шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров - "Тоҷикон"

Саркитоби зиндадорам "Тоҷикон",
Зарварақ дар баргу борам "Тоҷикон".

Тоҷики ман кисту омад аз куҷо?
Ҳақшиносу ҳақгузорам "Тоҷикон".

Тоҷикистонро шиносонид ба даҳр,
Шуҳрати халқи баорам "Тоҷикон".

Бо ҳама бурҳону асноду далел,
Ҷавҳари тоҷиктаборам "Тоҷикон".

Аз кӯҳанбунёдии тоҷикнасаб,
Довари таърихнигорам "Тоҷикон".

Ҳуҷҷати ин миллати лашкаршикан,
Ҷилди тӯморам, шиорам "Тоҷикон".

Саргузашти тоҷикамро ҳақ намуд,
Парчами шуҳратбиёрам "Тоҷикон".

Номаи аллома Бобоҷон Ғафур,
Рӯи чашму дил гузорам "Тоҷикон".

Андар он меҳроби дилҳо ҷо шуда.
Заркитоби мондагорам "Тоҷикон"!

Бобоҷони НУРЗОД

Тақвими ТОҶИКИСТОН

20-УМИ ОКТЯБР

ҒАФФУР СОЛЕҲОВ (1932-1975), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

АБДУЛҲАКИМ АБДУЛЛОЕВ (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

ИКРОМ ҲАСАНОВ (1937-2003), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология ва минерология.

ИМОМНАЗАР МАВЛОННАЗАРОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

МИРЗОҚОСИМ РУСТАМОВ (1917-1900), 105-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ ва давлатӣ.

21-УМИ ОКТЯБР

МУҲАММАД ХОЛИҚ (1947), 75-солагии зодрӯзи адиб.

РАФОАТ БОБОЕВА (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика ва математика.

ЕЛЕНА АТУФЙЕВА (1957), 65-солагии зодрӯзи тарҷумон, олими соҳаи филология.

22-ЮМИ ОКТЯБР

АЗИЗХОН МИРБОБОЕВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи филология.

ХУДОЙНАЗАР ДАВЛАТОВ (1922), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

БЕҲРОН МЕҲРОБОВ (1937-2014), 85-солагии зодрӯзи дирижёр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

23-ЮМИ ОКТЯБР

ГРИГОРИЙ ПЕЛЕПЕНКО (1932-2000), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

АЛЕКСАНДР СТРЕЛЮХИН (1902-1981), 120-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

АЛИШЕР САРАЕВ (1967), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

24-УМИ ОКЯБР

НАБИҶОН РАҲИМОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

ОБЛОБЕРДӢ ЯҲЁЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисодиёт, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

25-УМИ ОКТЯБР

РАҲМОНҚУЛ МУСТАФОҚУЛОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор.

САИДИСЛОМ ШАМСОВ (1937-1998), 85-солагии зодрӯзи мутриб, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

МУЛЛОРАСУЛ ҒАФФУРОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

СУБҲОН ЁДГОРӢ (1952), 70-солагии зодрӯзи нависанда, журналист.

26-УМИ ОКТЯБР

МАСТОНА ЭРГАШОВА (1952), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон.

ҶАМОЛИДДИН АҲМАДОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, академик.

Геннадий Ортиқов (1942-2004), 80-солагии зодрӯзи коргардон ва наворбардори кино, Ходими шоистаи Тоҷикистон.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Муин Ғафуров:

ҒАЛАБААМРО БА 70-СОЛАГИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МЕБАХШАМ!



Муин Ғафуров, размкори шинохтаи тоҷик дар набарди охирини худ, ки чанд рӯз пеш дар шаҳри Су-Фолси иёлоти Ҷакотаи шимолии ИМА баргузор гардид, ба рақиби бразилиягии худ - Диего Силва ғолиб баромад. Ӯ ҳарифро тариқи нокаути техникӣ шикаст дод.

Муин Ғафуров гуфт, ки "ин ғалабаи худро бахшида ба 70-солагии Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон тақдим мекунам". Ҳамзамон, ӯ аз ёру дӯстон ва сарпарастонаш изҳори минатдорӣ намуда, дар охир қайд кард, ки мехоҳад дар ташкилоти UFC баромад намояд.

Ин рақобат дар доираи ташкилоти LFA буда, акнун ӯ имкон пайдо намуд, ки ба ташкилоти UFC гузарад.

Охирин рақобати ӯ моҳи сентябри соли гузашта бо размикори канадагӣ Чед Анхелигери дар доираи чемпионати Dana White's Contender Series баргузор гардида буд, ки бо ғалабаи варзишгари канадагӣ анҷом ёфта буд.

Даричаи ошноӣ

Муин Ғафуров 17-уми майи соли 1996 дар Душанбе ба дунё омада, 26 сол дорад. Аз синни ҳафтсолагӣ тамрини футбол мекардааст. Аммо чор амакаш мехостанд, ки ӯро муштзану размикор бубинанд ва аз ин рӯ, ӯро ба толори гӯштини самбо гузоштанд. Муин дар аввалҳо аксар вақт аз машқҳои толори самбо гурехта, футболбозӣ мекард, вале баъд аз муваффақиятҳои аввалин ба гӯштин шавқ пайдо намуд.

Соли 2014 дар мусобиқаи касбии самбои размии Persian Invasion Муин Ғафуров бар Магомед Абдуллоев, қаҳрамони ҷаҳон оид ба ушу-санда пирӯз шуд. Соли 2016 бо созмони осиёии ONE Fighting Championship Team шартнома баст. Ӯ назди амакаш, раиси Лигаи самбои ҷангӣ ва ММА-и Тоҷикистон Аҳтам Хокиров тамрин мекунад. Муин Ғафуров аз соли 2013 то имрӯз 21 бозӣ анҷом дода, дар 18-тои он ғалаба ба даст овардааст. Қади ӯ 170 см буда, 61 кг вазн дорад.

Муин Ғафуров ду карат қаҳрамони ҷаҳон оид ба гӯштини самбо, қаҳрамони ҷаҳон оид ба грепплинг, қаҳрамони ҷаҳон оид ба ММА буда, ҳамзамон, ҷудоист ва устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ оид ба самбои размӣ мебошад.

Мо ба Муин Ғафуров барор мехоҳем ва умедворем ҳастем, ки дар сарҳати беҳтарин размикорони ҷаҳон қарор гирифта, номбардори Тоҷикистон мегардад.

Таҳияи
Идибеки САИД

САМБО



7 МЕДАЛИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

Аз 14 то 16-уми октябр дар шаҳри Еревани кишвари Арманистон Чемпионати ҷаҳонии самбо баргузор шуд, ки дар он паҳлавонони Тоҷикистон низ ширкат карданд ва ҷойҳои намоён низ ба даст оварданд.

Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 17 нафар дар самбои варзишӣ намояндагӣ карданд, ки 7 медал (1 тило, 2 нуқра, 4 биринҷӣ)-ро соҳиб шуданд.

Қувваозмоиҳо аз рӯи се синну сол баргузор шуданд. Медали тилоро Фарзиншоҳ Ҳусейнов дар вазни +98 кг миёни ҷавонон ба даст овард. Миёни ҷавонон инчунин Субҳиддин Халилзода (-71 кг) ба гирифтани медали нуқра, Мусаниф Миробов (-58 кг) ва Анис Субадоров (-64 кг) ба гирифтани медалҳои биринҷӣ мушарраф гардиданд.

Медали дигари нуқраро Абдуллои Ориф дар вазни -64 кг миёни наврасони 16-18-сола соҳиб шуд.

Миёни наврасони 14-16-сола Муҳаммадамин Лоиқов (-64 кг) ва Аминҷони Абдулфайёз (-71 кг) сазвори медали биринҷӣ шуданд.

РЕЗААХБОР

Қатар мизбони марҳилаи финалии Ҷоми Осиё-2023 интихоб шуд. Дар даври финалии Ҷоми Осиё-2023 ширкати 24 даста дар назар аст. Ба ҷуз аз тими миллии Тоҷикистон, дастаҳои Ҷопон, Сурия, Қатар, Кореяи Ҷанубӣ, Австралия, Эрон, Арабистони Саудӣ, АМА, Чин, Ироқ, Уммон, Ветнам, Лубнон, Урдун, Фаластин, Ӯзбекистон, Тайланд, Ҳиндустон, Ҳонконг, Баҳрайн, Малайзия, Қирғизистон ва Индонезия дар мусобиқа ширкат мекунанд.

***

17-уми октябр маросими супурдани ҷоизаи "Тӯби тилоӣ-2022" ва ҷоизаҳо барои мавсими гузашта аз ҷониби маҷаллаи фаронсавии France Football дар шаҳри Париж баргузор шуд. Ҳамлагари тими "Реал Мадрид" Карим Бензема ҷоизаи "Тӯби тилоӣ"-ро ҳамчун беҳтарин бозигар дар мавсими 2022 соҳиб шуд. Ҳамчунин, Гави аз "Барселона", Садио Мане аз «Байерн», Роберт Левандовски аз "Барселона", Тибо Куртуа аз "Реал Мадрид", Алексия Путеляс аз дастаи занонаи «Барселона» ҷоиза гирифтанд.

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

«ИСТИҚЛОЛ» ВА «КӮКТОШ» ДАР ФИНАЛ БОЗӢ МЕКУНАНД

Рӯзи 15-уми октябр бозиҳои ҷавобии даври нимфинали Ҷоми футболи Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар натиҷа, пешсафи Лигаи олӣ - дастаи "Истиқлол"-и Душанбе ва пешсафи Лигаи якум - "Куктош"-и ноҳияи Рӯдакӣ ба финал баромаданд.

"Истиқлол" дар сафар бо дастаи "Эсхата"-и шаҳри Хуҷанд мусовӣ (1:1) бозӣ кард. Ҳар ду голро бонкчиҳо заданд - Олимҷон Каримов ба дарвозаи дастаи худаш, Дилшод Бозоров ба дарвозаи тими ҳариф. Дар бозии аввал "Истиқлол" бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуда буд.

Дар бозии дигар "Куктош" тими "Хатлон"-ро бо ҳисоби 2:1 шикаст дод. Голҳои тими ғолибро Сорбон Ғиёсов, Муҳаммад Гулаев, голи тими Бохтарро Жан Гатен заданд. Бозии аввали дастаҳо мусовӣ (0:0) анҷом ёфта буд.

Ҳамин тавр, 29-уми октябр "Истиқлол" ва "Куктош" дар варзишгоҳи "Пахтакор"-и шаҳри Бохтар дар финали Ҷоми футболи Тоҷикистон вомехӯранд.

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

ДАР ҲИСОР ЧЕМПИОНАТИ CAFA-2022 БАРГУЗОР МЕШАВАД

Аз 21 то 25-уми октябр дар Ҳисор мусобиқаи қаҳрамонии Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) байни дастаҳои духтаронаи то 15-сола баргузор мешавад.

Дар ин мусобиқа дастаҳои Тоҷикистон, Эрон ва Ӯзбекистон ширкат мекунанд. Чемпионати CAFA-2022 байни дастаҳои духтаронаи то 15-сола аз рӯйи системаи даврӣ дар як марҳила баргузор мешавад.

Ҳамаи бозиҳо дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор сурат мегиранд.



ШАКАРХАНД

Ҷуръат

Ба утоқи духтури дандон марде тарсону ларзон ворид мешавад. Табиб ҳолати беморро дида, барои он ки ҳангоми кандани дандон бемор ором бошад, ба ӯ дар истакон спирт медиҳад:

- Ана инро нӯшед, тарсатон гум мешавад.

Мард спиртро нӯшида, ларзааш бас мешавад. Духтур бо табассум аз ӯ мепурсад:

- Хайр, чӣ хел, ҷуръат пайдо кардед?

Мард мегӯяд:

- Албатта! Канӣ акнун ягон кас ҷуръат кунаду ба дандони ман даст расонад!

Давомнокии моҳ

Аз майхорае мепурсанд:

- Ту дар як моҳ чанд маротиба шароб менӯшӣ?

Майхора дар ҷавоб:

- Ҳамааш аз давомнокии моҳ вобастагӣ дорад, гоҳе сӣ рӯз, гоҳи дигар сиву як рӯз.

Гунаҳкор

Бибӣ аз набераash мепурсад:

- Бачаҷон, оинаи хонаро кӣ шикаст?

Набера мегӯяд:

- Модарам шикаст, вале гунаҳкор падарам аст. Вақте ки модарам лаъличаро ба сараш ҳаво дод, дадаам каллаашро хам кард...

“Дар хонаи роҳзан”

Ду рафиқ дар тарабхона суҳбат доранд. Якеаш мегӯяд:

- Намефаҳмам, чаро чунин тарабхонаи бонуфуз «Дар хонаи роҳзан» ном гирифтааст?

Дигарӣ дар ҷавоб:

- Ҳоло ист, пули пардохти хизматонаро биёранд, баъд мефаҳмӣ.

Пашша

Марде дар тарабхона пешхизматро даъват карда, мегӯяд:

- Худаш чӣ гап, чаро дар карамшӯрбои ман пашша шино мекунад?

Пешхизмат мегӯяд:

- Ин тарзи муосири хизматрасонӣ дар тарабхонаи мо ноу-хау ном дорад, яъне пашша қаймоқи хӯрокро омезиш медиҳад.

Санг

Зан харидаҳои шавҳарашро як-як аз назар гузаронида, мепурсад:

- Ҳой мардак, аз байни биринҷ санг баромад, онро ҳам аз бозор харидед?

Шавҳар:

- Ҳа.

Зан:

- Санг харидан чӣ даркор?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Рафту хариди кардаам маъқул нашаваду ғинг-ғинг кунӣ, санг лозим мешавад.

Маош

Зулайхо аз модараш мепурсад:

- Модарҷон, чаро замин мечунбаду осмон не?

Модараш мегӯяд:

- Ҳар вақте ки дадот маош мегирад, осмон аз замин ҳам сахттар мечунбад.

Нофаҳмӣ

Марди тоҷике халтаи орд дар сари китф меравад. Дар роҳ марди ӯзбеке аз ӯ аҳволпурсӣ мекунад:

- Қандай?

Тоҷик дар ҷавоб:

- Не, ордай.

Ӯзбек ҳайрон шуда:


- Нима?

Тоҷик дар ҷавоб:

- Гарангӣ, нима не, пурай.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

КАЙ ОБИ ГАРМ МЕОЯД?

Тибқи иттилои обуҳавошиносон, рӯзҳои сард фаро расиданд. Ҳарорати ҳаво охири моҳи октябр паст хоҳад шуд. Мехостам, донам, ки Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе кай фиристодани оби гармро ба хонаҳо оғоз мекунад?

САВРИГУЛ,
сокини шаҳри Душанбе

Аз Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе хабар доданд, ки шуруъ аз 14-уми октябр як қисмати шаҳри Душанбе, яъне ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо оби гарми қубурӣ таъмин гардидааст. Тибқи иттилои манбаъ, шохқубурҳои марказҳои барқу гармдиҳии шаҳри Душанбе аллакай бо об пур карда шуда, барои пурра таъмин намудани 4 ноҳияи шаҳри Душанбе бо оби гарм муҳлати муайян, яъне як ҳафта зарур аст.

Таъкид шудааст, ки Марказҳои барқу гармидиҳии №1 ва №2-и шаҳри Душанбе, дегхонаҳои ғарбию шарқӣ ҳоло пурра омодаи кор мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар Марказҳои барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе барои мавсими кории зимистони имсола захираи ангишт то санаи имрӯза 891 ҳазор тонна ва мазути камсулфур зиёда аз 24 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/ҳ 20202972400015101000
ҳ/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:
93-866-82-64, 918-66-82-64.